ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД: 338.439. (575.3)**
**ТБК: 65.9 (2Т) 325.2**
**А-50**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АЛИЗОДА ОЛИМҶОН МАҲМУД**

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ**
**аз руйи ихтисоси: 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ**

**Душанбе-2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** **Қодирзода Диловар Бахридин**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқаризони расмӣ:** **Пирзода Ҷалил Сафар**
доктори илмҳои иқтисодӣ, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академия илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

**Раҳматзода Рустам**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Бобоҷониён Даврон Дадоҷон**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия саиаи «17» июни соли 2025, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 оид ба химояи дисертатсияҳои докторӣ ва номзадии назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи С.Айнӣ, 44. E-mail: bobozoda.komil@mail.ru Тел: 934 48 88 84

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст http//www.ied.tj.

Автореферат «_____ » _____________ соли 2025 тавзеҳ шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Гузаштан ба низоми хоҷагидории бозорӣ ва ислоҳоти бахши аграрӣ дар заминаи талаботи қонуниятҳои бозор ба ташаккули низоми амнияти озуқаворӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Бояд қайд намуд, ки ҳалли масъалаҳои таъмини озуқаворӣ ҳамчун гарави мавҷудият ва рушди ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои анҷомшуда исбот менамояд, ки мушкилоти таъмини амнияти озуқаворӣ мураккаб ва бисёрҷанба буда, ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад. Таъмини озуқаворӣ бо низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ бо хусусиятҳои низоми хоҷагидорӣ ва анъанаҳои миллӣ робитаи мустақим дорад.

Таъсири бӯҳрони ҷаҳонӣ ва вобастагии ҷиддии бозори милли мо аз воридоти маводи ғизоӣ нигаронии амиқро ба миён овардааст, зеро давраи нави буҳрони ҷаҳоние, ки дар натиҷаи паҳншавии COVID-19 ба вуҷуд омада буд, боиси буҳрони озуқаворӣ гардид. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки норасоии ғизо новобаста аз пешрафти илму техника, рушди иқтисоди миллӣ, сатҳи рушди саноатии давлатҳо ва зиёд гардидани захираҳои озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳануз ҳам аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти вазъияти ҷойдошта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид сохтанд, ки «Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем. Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати

шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд»[1].

Дар марҳилаи муосири рушд, дар ҳоле ки бӯҳрони нав ба миён меояд, халалдоршавӣ дар занҷираҳои таъминоти озуқаворӣ, ки ба тавлиди маҳсулоти хӯрокворӣ таъсир мерасонанд, инчунин коҳиши даромади миллӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон хавфу хатарҳои навро ба таъмини амнияти озуқаворӣ ба вуҷуд овардаанд. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бо мушкили таъмини худ бо ҳадди ақали ғизо барои гурӯҳҳои алоҳидаи маҳсулоти озуқа ва мушкилоти логистикӣ рӯбарӯ шуда, ҳаҷми хеле ками маҳсулоти кишоварзиро содир мекунад.

Ҳалли мушкилоти таъминоти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, бо рушди устувори кишоварзӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти агроозуқаворӣ, таъминоти захиравӣ, баланд бардоштани сифат ва қобилияти рақобатпазирии он алоқаманд аст. Дар вазъияти кунунӣ соҳаи кишоварзии ватанӣ ноустувор арзёбӣ гардида, сатҳи бо маҳсулоти озуқавории аввалиндараҷа таъмин гардидани аҳолӣ аз воридот вобастагии зиёд дорад. Пӯшида нест, ки таъмини озуқа масъалаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, хусусияти ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллӣ дошта, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар пасманзари зуҳуроти номусоиди табиию иқлимӣ (камшавии захираҳои об, вазъи экология, тағирёбии иқлим ва ғайраҳо) шиддат мегирад.

Дар ҷараёни ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ҷанбаи асосии стратегии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти милии давлат дар дохил ва арсаи ҷаҳонӣ таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Ба тамоюли таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омилҳо, аз қабили бахши аграрии ба қадри кофӣ рушдёфта, бо захираҳои озуқаворӣ аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва худтаъминкунии давлат бо озуқаворӣ метавонанд таъсири мусбӣ расонанд. Аммо, сарфи назар аз ин омилҳо,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (23.12.2023). http://www.president.tj/node/29823

вазъи амнияти озуқаворӣ дар кишвар то ҳол ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад, ки мубрамият ва саривақтӣ будани таҳқиқотӣ мазкурро собит месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар айни замон аз ҷониби олимон масъалаҳои мубрами таъмини амнияти озуқаворӣ таҳқиқ шуда, таваҷҷуҳи ҷомеъа ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини амнияти озуқаворӣ равона карда шудааст.

Асосҳои умумии назариявӣ ва методологии омӯзиши масъалаҳои рафъи гуруснагӣ ва имкониятҳои таъмини амнияти озуқавориро Барраклоу С., Валдес А., Вебер М.Т., Даниел Максвелл, Зиппер С., Кондорсет М., Крач У., Максвелл С., Малтус Т.Р., Ротлингер С., Садлер М.Т., Саррис А.Х.,Саҳн Д.Э., Сиамвалла А., Смит М., Статс Ҷ., Трейси Майкл, Фалкон В.П., Ҷейн Т.С., Ҷонссон У. ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Дар ташаккули асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ нашрияҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили: Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ), Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ, Бонки Ҷаҳонӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд, СУС ва ғайра низ саҳми бунёдӣ доранд.

Дар байни олимони рус дар таҳқиқи комплексии муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ҳиссаи Алтухов А.И., Афанасев С.Г., Балдов Д.В., Буздалов И.Н., Вартанова М.Л., Грешоноков А. М., Гумеров Р.Р., Жабина С.Н., Кайгородсев А. А., Крилатих Э.Н., Ломакин П.Н., Лисоченко А.А., Малхасян А.В., Маргулис Е.И., Потапов А.П., Романсов Е.В., Сафин У.З., Серова Е.В., Силаева Л. П., Суслов С.А., Тихомирова В.А.,  Ушачев И.Г. ва ғайраҳо назаррас мебошад.

Мавқеъ, нақш ва аҳамияти таъмини амнияти озуқавориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои муҳаққиқони ватанӣ, ба мисли Азизов Ш.С., Ашуров И.С., Асроров З.У., Бобоҷониён Д.Д., Гулов И.М., Қиёмидинов Х., Қодирзода Д.Б., Қудратов Р.Р., Мирсаидов А.Б., Одинаев Ҳ.А., Олимов И.А., Пирзода Ҷ.С., Раҳматзода Р., Раҳимов О. А., Тағоев Б.Д., Тағоев Ҷ.Ҳ., Умаров Х.У. ва дигарон дидан мумкин аст.

Вале, новобаста аз таҳқиқоти зиёди анҷомшуда, ки бешубҳа, заминаи назариявии диссертатсияро ташкил медиҳанд, динамизми тағйирот дар шароити тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки ин масъала васеътар омухта шавад. Дар айни замон, ҳеҷ гуна таҳаввулоти ҳамаҷониба дар бораи таъсири таконҳои беруна, тамоюлҳои муосир ва нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуӣ «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ алоқаманд аст, ки дар он диссертатсия иҷро гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, «Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024», «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030», «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025» дар қаринаи масъалаҳои таъмини бехатарии озӯкворӣ ва дастрасӣ ба маҳсулоти хушсифат ва саноатикунонии босуръат ҷавобгӯй мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин асосноккунии масъалаҳои назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- ошкор намудани асосҳои консептуалии таҳқиқоти амнияти озуқаворӣ дар шароити бозор ва пешниҳоди таърифи муаллифии он ҳамчун категорияи иқтисодӣ;

- таҳия ва озмоиши методологияи арзёбии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, инчунин ба низом даровардани принсипҳои методологӣ ва нишондиҳандаҳои муайян намудани сатҳи амнияти озуқаворӣ;

- асоснок намудани муқаррароти методологии арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили вазъи амнияти озуқаворӣ ва тамоюлҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти афзалиятҳои миллӣ дар самти расидан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат;

- баҳодиҳии омилҳое, ки ба ҳолат ва тағйирёбии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити чолишҳо ва таҳдидҳои муосир таъсир мерасонанд;

- озмоиши методологияи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти ҷузъҳои гуногун;

- таҳияи заминаҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси даврабандии он, инчунин асоснок намудани зарурати таҳияи «Доктринаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- ошкор намудани самтҳои асосии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии дурнамои он;

- муайян кардани параметрҳои дурнамои истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи базавии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

- асоснок намудани самтҳои такмили механизми дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ мебошанд, ки дар раванди таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи муносибатҳои ҳамгироии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ мебошад, ки дар раванди таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз такомули методологияи арзёбии сатҳи амнияти озуқаворӣ ва таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ иборат аст, инчунин зарурати таҳияи доктрина оид ба амнияти озуқаводии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бояд як қатор тадбирҳоро ба монанди пешгирӣ аз хатарҳои ҷиддии ғизо ва саломатии шаҳрвандон риоя карда шуда, дастрасии ҳама одамон дар вақти дилхоҳ ба миқдори кофӣ барои ҳаёти фаъол ва солим, барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии стратегияи миллии рушдро дар бар гирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, маводҳои илмию методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, инчунин маводҳои Интернет ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологӣ ва методии таҳқиқотро принсипҳо ва консепсияҳои илмии таҳлили амнияти озуқаворӣ ташкил менамояд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо истифода аз усулҳои зерини таҳлил ба даст оварда шудаанд: усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ-мантиқӣ, институтсионалӣ, индуктивӣ-дедуктивӣ ва динамикӣ, инчунин моделсозии иқтисодию риёзӣ ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумот.** Манбаи иттилоотии таҳқиқотро инҳо ташкил додаанд: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои таҳлилии Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии (FAO) Созмони Милали Муттаҳид, Бонки ҷаҳонӣ, инчунин, маводҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот ҷамъ овардааст. Манбаи иттилоотии таҳқиқотро ҳамзамон, маводҳои маълумотӣ, оморӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, интишороти ташкилотҳои байналмилалии СММ, маводи назариявӣ ва монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2020-2024 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз асоснокқунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти таъмини амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Натиҷаҳои зерини муҳимтарин ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд:

- асосҳои консептуалии амнияти озуқаворӣ дар заминаи таҷдиди равандҳои маҳаллисозии истеҳсолот ва коҳиш додани вобастагии истеъмоли дохилӣ аз омилҳои беруна омӯхта ва ошкор гардида, дар ин замина амнияти озуқаворӣ ҳамчун истиқлолияти низоми озуқавории миллӣ, ки дар таъмини он давлат нақши аввалиндараҷа бозида, ҳамчун муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, тафсири муаллифӣ дода шудааст;

- методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методологии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ ба низом дароварда шудаанд. Муносибати методологии системаи тадбирҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати кишоварзию озуқаворӣ бо назардошти нишондиҳандаҳо ва омилҳои объективӣ пешниҳод шудааст;

- муқаррароти методӣ оид ба арзёбии сатҳи захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия шудааст, ки ташаккули захираҳои буферии озуқаворӣ, мақсад, вазифаҳо, нақш ва аҳамияти захираҳои буферӣ дар ҳалли мушкилотҳои дастрасии маҳсулоти хӯрокворӣ муайян карда шудааст. Мушкилотҳое, ки ба ташаккули захираҳои буферӣ монеъа эҷод мекунанд, ошкор карда шуда, бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми миқдории захираҳои буферӣ дар давраи муайян баҳодиҳӣ карда шудааст;

- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти татбиқи афзалияти миллӣ дар ноил шудан ба

амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ гузаронида шуда, тамоюлҳои он муайян карда шуданд. Имкониятҳои иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, шакл ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки истеҳсолот, таъминоти техникӣ ва ҳолати базаи захиравии маҳсулоти кишоварзиро тавсиф мекунанд, муайян карда шудаанд;

- бо дарназардошти чолишҳо ва таҳдидҳои муосир, омилҳои таъсиргузор ба ҳолат ва динамикаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда шуданд. Самтҳои имконпазири таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти рушди низоми дастгирии давлатӣ, танзими тарофавӣ-гумрукӣ, ташаккули низоми идоракунии сифати маҳсулот, инчунин тавсеаи механизмҳои дастгирии молиявӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шудаанд;

- методикаи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод ва озмоиш карда шудааст, ки аз истифодаи чунин ҷузъҳо ба мисли даромад, таъминот, ҷойгиркунии шабакаҳои савдо ва тақсимот иборат мебошад. Исбот шудааст, ки бо назардошти афзалияти истеҳсолоти воридотивазкунанда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворechoии ватанӣ, кам кардани хавфи воридоти беназорат, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин васеъ намудани ҷузъҳои инфрасохтор зарур аст;

- асосҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси даврабандии он таҳия гардида, зарурати таҳияи «Доктринаи таъмини амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» асоснок карда шудааст. Зарурати бознигарии сиёсати давлатӣ дар самти кишоварзӣ дар шароити гузаштан аз модели рушди иқтисодии аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ асоснок карда шудааст;

- роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷузъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ошкор карда шудаанд. Дар ин замина бо назардошти устуворӣ истеҳсолоти кишоварзӣ, додани қарзҳои имтиёзнок, ташаккули захираҳои буферӣ, таҳияи консепсияҳои азхудкунии заминҳои нав ва шаклҳои истифодаи замин, инчунин беҳтар намудани

сифати маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун самтҳои ояндадори таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуданд;

- нақш ва аҳамияти механизмҳои маркетингӣ ва самарабахши бозор дар ташаккули низомҳои устувори кишоварзию озуқаворӣ исбот шудааст. Ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи асосии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳисоб ва ояндабинӣ карда шудааст. Зарурати рушди заминаи истеҳсолӣ, захиравӣ, инфрасохтории таъмини амнияти озуқаворӣ ва низоми мониторинги вазъи амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст;

- самтҳои ояндадор оид ба такмил додани механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда асоснок карда шудаанд, ки аз асосноксозӣ ва ба низом даровардани воридот ва содирот, инчунин диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ иборат мебошад. Бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурият ва принсипҳои ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда ва айвонӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррароти зерини илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки муаллиф ба даст овардааст, пешниҳод карда мешавад:

- асосҳои консептуалии амнияти озуқаворӣ дар шароити бозор ва тафсири муаллифии он ҳамчун категорияи иқтисодӣ;

- методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ;

- муқаррароти методӣ оид ба арзёбии сатҳи захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва арзёбии миқдории ҳаҷми захираҳои буферӣ дар давраи муайян;

- таҳлили комплексии вазъи таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти татбиқи афзалияти миллӣ дар ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ;

- самтҳои имконпазири таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти рушди низоми дастгирии давлатӣ, танзими тарофавӣ-гумрукӣ, ташаккули низоми идоракунии сифати маҳсулот, инчунин тавсеаи механизмҳои дастгирии молиявӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ;

- методикаи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ ва механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- асосҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ ва зарурати таҳияи «Доктринаи таъмини амнияти озуқаворechoии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти бознигарии сиёсати давлатӣ дар самти кишоварзӣ дар шароити гузаштан аз модели рушди иқтисодии аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ;

- роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияҳои азхудкунии заминҳои нав ва шаклҳои истифодаи замин, инчунин беҳтар намудани сифати маҳсулоти озуқаворӣ;

- механизмҳои маркетингӣ ва самарабахши бозории ташаккули низомҳои устувори кишоварзию озуқаворӣ ва истеҳсолу истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи асосии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

- самтҳои ояндадори такмили механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, инчунин принсипҳои ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда ва айвонӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмӣ-амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар таҳлил ва ҷамъоварии корҳои илмӣ-амалии таҳқиқотии муаллиф аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ ва рушди ҷанбаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Татбиқи амалии муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ ба тақвияти асосҳои консептуалӣ ва амалии таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар раванди таҳияи доктринаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои

дар диссертатсия зикргардидаро метавон дар фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар рафти таҳррезии Барномаҳои соҳавӣ ва фаъолияти Вазорати кишоварзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Бехатарии иқтисодӣ» инчунин дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла: 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва абзорҳо); 12.2. Амнияти иқтисодӣ дар низоми амнияти миллӣ; 12.3. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он; 12.5. Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо. 12.6. Самтҳои консептуалӣ ва стратегии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ, меъёрҳои амнияти иқтисодӣ; 12.16. Сиёсати сохторӣ ва амнияти иқтисодӣ (методология, методҳо, механизмҳо ва абзорҳо); 12.20. Вазифаи давлат оид ба ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ; 12.21. Рушди методологияи таҳияи доктринаи амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида (озуқа, энергетика, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғ); 12.22. Методологияи мониторинги омилҳое, ки ба амнияти иқтисодӣ таҳдид менамоянд; 12.24. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ; 12.27. Амсилаҳои рушди амнияти иқтисодии давлат, ҷомеа ва минтақа.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ ва интишороти асосии муаллиф саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқоти

илмӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот муайян мекунад. Аз ҷумла, муаллиф консепсияҳои муосири таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, самтҳои стратегии таъмини онро асоснок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Амалисозии рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе 2020); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Низомҳои иқтисоди миллӣ дар ҳошияи ташакули фазои ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Симферопол - 2021); Конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзӯи: «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (Душанбе-2022); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи: «Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ» (Душанбе-2023) маъруза карда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 31 корҳои илмӣ дар ҳаҷми 45 ҷ.ч., аз он ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 29,6 ҷ.ч., 28 мақола бо ҳаҷми 15,4 ҷ.ч, ки аз онҳо 17 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, 15 зербоб, хулоса ва 431 адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 369 саҳифа чопи компютерӣ таҳия гардида аст, ки дорои 59 ҷадвал ва 41 расм мебошад.

**Дар муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисолаи илмӣ пешбинӣ гардидааст.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таъмини амнияти озуқаворӣ»** ҷанбаҳои назариявии амнияти озуқаворӣ баррасӣ гардида, нақши амнияти озуқаворӣ дар низоми амнияти миллӣ, принсипҳои асосӣ ва заминаҳо он муайян

карда шуда, таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюм «Ҷанбаҳои методологии арзёбии сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ»** асосҳои методологии арзёбии амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, нишондиҳандаҳои амнияти озуқаворӣ дар доираи сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ чен ва интихоб карда шуданд, инчунин муносибатҳои методӣ доир ба сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ арзёбӣ гардида, ҷанбаҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуданд.

**Дар боби сеюм «Таҳлили ҳолати муосири таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҳолати муосири соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таъмини рушди устувори амнияти озукавор омӯхта шуда, таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидаанд, инчунин, таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ва дастрасии иқтисодӣ таҳлил карда, мушкилоти худтаъминкунии кишвар бо озуқа ва танзими воридоти маводи озуқаворӣ ошкор карда шуда аст.

**Дар боби чорум «Коркарди консепсияи (доктаринаи ) таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити гузариш ба модели иқтисодии индустриалӣ-аграрӣ»** асосҳои заминавии консепсияи амнияти озуқаворӣ оид ба қабули доктринаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити иқтисоди индусриалӣ-аграрӣ пешниҳод карда шуда, самтҳо ва дурнамои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мониторинги сатҳи таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ муайян карда шуда аст, инчунин механизми дастгирии содирот ва мусоидат ба воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда аст.

**Дар хулоса,** хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд.

## ҚИСМИ АСОСӢ

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

**1. Асосҳои консептуалии амнияти озуқаворӣ дар заминаи таҷдиди равандҳои маҳаллисозии истеҳсолот ва коҳиш додани вобастагии истеъмоли дохилӣ аз омилҳои беруна омӯхта ва ошкор гардида, дар ин замина амнияти озуқаворӣ ҳамчун истиқлолияти низоми озуқаворӣ миллӣ, ки дар таъмини он давлат нақши аввалиндараҷа бозида, ҳамчун муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, тафсири муаллифӣ дода шудааст.**

Амнияти озуқаворӣ яке аз мавзуҳои мубрам ва аввалиндараҷаи ҳар як давлати соҳибистиқлол ба шумор рафта, поя асосии амнияти миллии кишвар мебошад. Дар вазъияти муосири ҷаҳон давлатҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ муваффақ гаштаанд бозори озуқаворӣ ҷаҳонро танзим мекунанд. Аз ин рӯ зарур меояд, ки оид ба худтаъминкунии озуқаворӣ давлати тозаистиқлоли хеш корҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва чораҳои дар амал тадбиқшударо андешида, баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ миллӣ дар ояндаи дуру наздик қадамиҳои устувор гузорем. Таъмини амнияти озуқаворӣ миллӣ ҳамеша дар мадди назари давлату Ҳукумат қарор дошта, чораҳои зарурӣ баҳри баланд бардоштани сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ андешида мешавад.

Дар диссертатсия қайд гардида аст, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ инчунин моделҳои муассир ва оқилонаи давлатӣ, ки мақсадҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва таҳлилӣ доранд, муҳим мебошанд. Бо маънои маҳдуд, зери ин истилоҳ мавҷудият ва дастрасии воқеӣ ва иқтисодии ғизоро барои ҳар як сокини сайёра бо назардошти хусусиятҳои функсионалӣ ва эҳтиёҷоти бадани одам фаҳмида мешавад.

Яке аз чораҳое, ки метавонад ба сатҳи амнияти озуқаворӣ таъсири мусбӣ расонад ин маҳалликунонии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ мебошад, ки метавонад вобастагии ҳаҷми истеъмоли дохилиро аз омилҳои беуна коҳиш диҳад. Дар ин замина метавонанд талаботи дохилиро (аҳолиро бо озуқа ва саноати коркардро бо ашёи хом) байни худ таъмин намуда, истеҳсолотро ба содирот равона намоянд (расми 1.).




**Расми 1. Маҳаллисозии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Барои амали кардани маҳаллисозии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ (расми 1), ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад гузаронидани мониторинги доимии талабот ва истеҳсолот, банақшагирии бозори дохилӣ ва берунӣ, инчунин омӯзиши интихоби истеъмолкунанда зарур аст.

Дар айни замон, мушкилоти озуқаворӣ дар кишвар тавассути истеҳсол худӣ ва воридотӣ ҳал карда мешавад, ки бозори дохилиро бо намудҳои муҳимтарини озуқаворӣ таъмин менамояд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол бояд кушиш ба харҷ диҳад, ки сатҳи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар маҷмӯи маҳсулоти озуқавории кишвар кам карда шавад ва истеҳсоли ватанӣ бартарият дошта бошад. Мо шоҳиди он гаштем, ки давлатҳое, ки низоми озуқавории миллиашон бештар аз маҳсулоти озуқавории воридотӣ вобастагӣ дошта, дар айёми пандемия COVID-19 ба буҳрони озуқаворӣ дучор гардида буданд. Ин мушкилот мафҳуми истилоҳи амнияти озуқавориро боз ҳам бисёррӯятар менамояд.

Дар рафти омӯзиши адабиёти ватанӣ, хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ муайян карда шудааст, ки амнияти озуқаворӣ консепсияи чандирӣ буда, дар бисёре аз таҳқиқотҳо ва сиёсатҳо инъикос ёфтааст. Мафҳуми амнияти озуқаворӣ аз ҷониби олимони рус ва тоҷик: ҳамчун қобилияти давлат дар таъмини мустақилияти озуқаворӣ ва кафолати қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣ дар сатҳе, ки фаъолияти мӯътадили онҳо таъмин мегардад шарҳ дода мешавад. Аз ҷониби

олимони хориҷӣ бошад, консепсияи амнияти озуқаворӣ ҳамчун таъмини воситаи зиндагӣ ё худ ҳастии инсоният маънидод карда шудааст.

Дар рафти таҳлили заминаҳои консептуалии истилоҳи «амнияти озуқаворӣ» ва баррасии афкори олимони ватанию бурунмарзӣ имконият дод, ки ақидаи гуногунпаҳлӯ будани мафҳуми амнияти озуқаворӣ тасдиқ гарданд. Аз нигоҳи мо, амнияти озуқаворӣ масъалаҳои зеринро дарбар мегирад (расми 2).




**Расми 2. Маҷмӯи масъалаҳои амнияти озуқаворӣ**

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Муайян карда шуд, ки таъмин набудан, паст будани сатҳи онҳо ё тамоман мавҷуд набудани яке аз ин ҷузъиётҳои асосӣ (расми 2) таъмини амнияти озуқаворӣ имконнопазир аст. Аз ин ҷост, ки истилоҳи «амнияти озуқаворӣ» бисёррӯя ва чандирӣ мебошад. Бинобар ҳамин олимону муҳаққиқон доир ба мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» ақидаҳои гуногун пешкаш кардаанд.

Дар кори диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки амнияти озуқаворӣ сиёсати амнияти миллӣ мебошад, ки миқдор ва сифати он таъмин ва сифати молҳои ҷамъиятии амнияти миллиро дар ҳар як кишвар муайян мекунад. Таъмини сатҳи баланди амнияти миллӣ таъмини сатҳи оптималии амнияти озуқавориро талаб мекунад. амнияти озуқаворӣ доираи васеи омилҳои миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологиро дар бар мегирад. Ҳолати он бевосита ҳам дар маҷмӯъ амнияти миллӣ ва ҳам дар ҳар як ҷузъи он инъикос меёбад. Бе таъмини амнияти озуқаворӣ ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъсир расонидан ба равандҳои глобалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ғайриимкон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ бе таъмини амнияти озуқаворӣ, дигар амниятҳоро ба монанди амнияти ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра, ки қисмҳои асосии сохтори амнияти миллӣ мебошанд, тасавур кардан ғайри имкон аст (расми 3).




**Расми 3. Амнияти озуқаворӣ дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки амнияти озуқаворӣ яке аз унсурҳои асосии низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба мисли дигар кишварҳои ҷаҳон ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва татбиқи сиёсати демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ амнияти миллиро тарроҳӣ мекунад.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ ошкор карда шудааст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо бехавф гардонидани таҳдидҳои мавҷуд буда, балки таҳдидҳои пайдошавандаро, ки метавонанд боиси мушкил гардидани дастрасии аҳолӣ ба навъҳои ҳаётан муҳими озуқаворӣ ё кам шудани истеҳсолоти он мешавад, ба амнияти миллӣ таъсир расонад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки истиқлолияти давлатӣ, амнияти миллӣ ва пешрафти иҷтимоӣ аз амнияти озуқаворӣ вобастагӣ дорад, ки он тавассути рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар робита бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ имконпазир мегардад.

Пас аз омӯзиш ва мутолиаи адабиёт доир ба ҷанбаҳои назариявии таъмини амнияти озуқаворӣ пешниҳод мегардад, ки «амнияти озуқаворӣ» - ин истиқлолияти низоми озуқаворechoии миллӣ мебошад, ки давлат дар таъмини он накши аввалин дараҷа мебозад. Чунки масъалаҳое, ки дар боло зикр гардиданд, бе иштироки давлат ҳалли онҳоро тассавур кардан ғайри имкон аст. Бо ибораи дигар - амнияти озуқаворӣ шарти асосии муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Дар шароити Тоҷикистон шарти асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ин дастгирии тамоюли минтақавӣ ва маҳаллигардонии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули низомҳои устувори кишоварзӣ-озуқаворӣ метавонанд ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат кунанд.

**2. Методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методологии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ ба низом дароварда шудаанд. Муносибати методологии системаи тадбирҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати кишоварзию озуқаворӣ бо назардошти нишондиҳандаҳо ва омилҳои объективӣ пешниҳод шудааст.**

Дар диссертатсия як қатор нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои гуногунии амнияти озуқаворӣ дар кишварҳои мухталиф ва ташкилотҳои байналхалқӣ омухта шуда, муайян карда шудааст, ки он аз ҳолату шароити миллии онҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ҳамин, ҳамчун асос қабул кардани чунин маҳакҳо ва индикаторҳои кишварҳои хориҷӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ташкилотҳои байналмилалӣ маҳаку индикаторҳои миллӣ бо назардошти ҷойгиршавии географӣ, шароити экологӣ, иқлимӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии ва фарҳангии Тоҷикистон коркард шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ як қатор нишондиҳандаҳои арзёбии таъмини амнияти озуқаворӣ омухта шуда, муайян карда шудааст, ки амнияти озуқаворӣ аз худтаъминкунии озуқаворӣ вобастагии бештар дорад. Аз ин лиҳоз, ғайр аз худтаъминкунии озуқаворӣ ва воридоти он боз сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ низ

нақши муҳим мебозад, ки таъмини амнияти озуқавориро чунин муайян кардан мумкин аст:

- худтаъминкунии озуқаворӣ – 85 %;

- воридоти озуқаворӣ аз берун на бештар аз 15 %;

- сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ – хароҷот барои истеъмоли озуқаворӣ на бештар аз 10 % даромад.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шудааст, ки бо ҳисоби ҳама ҷанбаҳои географӣ, демографӣ, экологию кадастрии арзёбии амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кишварҳо фарқ мекунад. Барои муайян кардани сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин нишондиҳандаҳо истифода шудааст:

1. Ҳиссаи заминҳои корам ба ҳар нафар аҳолӣ:

$$З_А = \frac{ЗК}{А};$$

ЗК - заминҳои корам;
А – аҳолӣ.

2. Ҳиссаи хароҷот ба маҳсулоти хуроквbooрӣ нисбати даромади пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ[2]:

$$APC = \frac{C}{Y};$$

С – бузургии хароҷоти истеъмолии аҳолӣ;
Y - бузургии даромади дар ихтиёр доштаи аҳолӣ.

3. Сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ:

$$С_{ХО} = \frac{ҲИ_{мо}}{Ис_{мо}};$$

$ҲИ_{мо}$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;
$Ис_{мо}$ – истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ;

4. Сатҳи воридоти озуқаворӣ дар маҷмӯи маҳсулоти хӯроквории истеъмол шаванда:

$$С_{ВС} = \frac{В_{мо}}{И_{мо}};$$

$В_{мо}$ – воридот масулоти озуқаворӣ

5. Шохиси интегралии арзиши нерӯӣ:

$$J_{\Sigma}^{g} = (J_{маҳ} \cdot g)/G;$$

$J_{\Sigma}^{g}$ – маҷмӯи арзиши нерӯӣ;
$J_{маҳ}$ – ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ;
g – арзиши нерӯии ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ;

---

[2] APC – (аз калимаи англисии Average Propensity to Consume) - тавсифи муносибати хароҷоти истеъмолӣ ва даромади дар ихтиёр дошта (тибқи таҳқиқотҳо он набояд аз 10% бештар бошад);

G – меъёри нерӯи тавсияшаванда (2600 -3000 ккал)

Шохиси сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

$$Ш_{АОТ} = \sqrt[5]{З_А \cdot (1 - APC) \cdot C_{ХО} \cdot (1 - С_{ВС}) \cdot J_{\Sigma}^{g}}$$
$$= \sqrt[5]{0{,}084 \cdot (1 - 0{,}49) \cdot 1{,}66 \cdot (1 - 0{,}30) \cdot 0{,}96} = 0{,}54$$

Бо истифода аз формулаи дар боло оварда шуда амнияти озуқавориро дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар буриши минтақаҳои муайян карда шудааст. (ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. – Сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, соли 2022***

| Нишондиҳандаҳо | Формула | Ҷумҳури Тоҷикистон | Душанбе | НТҶ | Хатлон | Суғд | ВКМБ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи заминҳои корам ба ҳар нафар аҳолӣ* | $З_А = \frac{ЗК}{А}$ | 0,084 | 0,002 | 0,06 | 0,12 | 0,10 | 0,04 |
| Ҳиссаи хароҷот ба маҳсулоти хурокворӣ нисбати даромади пулии миёна ба ҳар нафар аҳолӣ** | $APC = \frac{C}{Y}$ | 0,47 | 0,55 | 0,46 | 0,44 | 0,48 | 0,44 |
| Сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ*** | $С_{ХО} = \frac{ҲИ_{мо}}{Ис_{мо}}$ | 1,67 | 0,05 | 1,39 | 2,32 | 1,76 | 0,88 |
| Сатҳи миёнаи воридоти озуқаворӣ дар маҷмӯи маҳсулоти истеъмол шаванда**** | $С_{ВС} = \frac{В_{мо}}{И_{мо}}$ | 0,30 | 0,30 | 0,30 | 0,30 | 0,30 | 0,30 |
| Шохиси интегралии арзиши нерӯӣ***** | $J_{\Sigma}^{g} = (J_{маҳ} \cdot g)/G$ | 0,92 | 0,96 | 0,82 | 0,82 | 0,86 | 0,88 |
| Шохиси сатҳи амнияти озуқаворӣ Тоҷикистон | $Ш_{АОТ} = \sqrt[5]{З_А \cdot (1 - APC) \cdot C_{ХО} \cdot (1 - С_{ВС}) \cdot J_{\Sigma}^{g}}$ | 0,54 | 0,12 | 0,48 | 0,62 | 0,56 | 0,42 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси *Замимаи 4., **Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. - № 4. – 2024. – С. 25; *** Ҷадвали 2.4.1., **** Ҷадвали 3.4.2., ***** Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. - № 4. – 2024. – С. 20; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. - С. 20.

Чи тавре, ки аз ҷадвали дар боло оварда шуда дидан мумкин аст, сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 54 % ва минтақаҳои он ғайр аз

вилоятҳои Хатлон (62 %) ва Суғд (56 %) дар боқимонда дар сатҳи камтар аз 50 % нмебошанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки микдоран арзёбии амнияти озуқаворӣ имкон медиҳад, ки дар бораи ҳаёти аҳолӣ дар кулли кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он хулосаи боэътимод бароварда, барои таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ амалҳои мақсаднок андешида шаванд.

Таҳқиқоти гузаронида шуда, нишон дод, ки методологии муайян кардани сатҳи амнияти озуқаворӣ дар ҳар як давлат вобаста аз ҷойгиршавии географӣ-кадастрӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва расму оинҳои миллӣ гуногун мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат барои муайян кардани сатҳи амнияти озуқаворechoии мамлакат нишондиҳанда ва индикаторҳои хоси ҳар як кишвар ва ё минтақаи муайя коркард карда мешавад.

Дар диссертатсия қайд гадидааст, ки сиёсти аграрӣ-озуқаворechoии ҳар як давлат вобаста аз микониятҳо ва иқтидорҳои миллии худ сохта мешавад. Дар шароити имрӯзаи босуръат инкишофёбандаи иқтисодиёт ва ҷаҳонишавии он маҳорати таҳияи сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст. Ин малака таҳия ва татбиқи сиёсатҳоеро дар бар мегирад, ки истеҳсол, тақсим ва истеъмоли озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, устуворӣ ва дастрасии онро танзим мекунанд. Аз Ҳукумат, муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ то истеҳсолкунандагони мазҳсулоти озуқаворӣ ва занҷирҳои он, дар низоми рушди сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ дар ояндаи амнияти озуқавории мо нақши муҳим мебозанд.

Муайян карда шуд, ки сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ ба маҷмӯи қонунҳо, дастурҳо, қоидаҳо ва амалҳое алоқаманд аст, ки тасмимҳои марбут ба истеҳсол, тақсимот ва истеъмолро дар бар мегирад, инчунин ҳадафи он мусоидат ба таъмини амнияти озуқаворӣ, устуворӣ ва дастрасии одилона миёни ҳама табақаҳои аҳолӣ ба маводи ғизоӣ мебошад.

**3. Муқаррароти методӣ оид ба арзёбии сатҳи захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия шудааст, ки ташаккули захираҳои буферии**

**озуқаворӣ, мақсад, вазифаҳо, нақш ва аҳамияти захираҳои буферӣ дар ҳалли мушкилотҳои дастрасии маҳсулоти хӯрокворӣ муайян карда шудааст. Мушкилотҳое, ки ба ташаккули захираҳои буферӣ монеъа эҷод мекунанд, ошкор карда шуда, бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми миқдории захираҳои буферӣ дар давраи муайян баҳодиҳӣ карда шудааст.**

Дар рафти таҳқиқоти таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ дар диссертатсия оварда шудааст, ки захираи озуқавории давлатӣ ин аз тарафи давлат бо ёрии корхонаю ташкилотҳои давлатӣ харидан, нигоҳ доштан ва ба аҳолӣ таъмин намудани озуқаворӣ мебошад. Захиракунӣ як қисми муҳими сиёсати кишоварзӣ-озуқавории бисёр мамлакатҳо мебошад. Ба захираи озуқаворӣ, чун қоида, маҳсулоти озуқаворие дохил мешавад, ки дар маданияти (фарҳанги) истеъмоли хӯрокворӣи милли бартарӣ доранд ва аз ин рӯ, қисми зиёди онро ташкил медиҳанд. Кишварҳо маъмулан дар сиёсати амнияти озуқавории худ яке аз се намуди асосии захираҳои озуқавориро истифода мебаранд, ки аз инҳо инҳо иборат мебошанд: захираҳои фавқулодда, захираҳои буферӣ ва захираҳои таъминоти озуқаворӣ. Аммо, таъиноти онҳо метавонад гуногун бошад, зеро захираҳо аксар вақт барои ноил шудан ба якчанд ҳадафҳо таъсис дода мешаванд.

Дар раванди таҳқиқот ошкор карда шудааст, ки захираи буферӣ ба захираи мол ё ашёи хом, ки аз ҷониби ҳукумат ё мақоми ваколатдор нигоҳ дошта мешавад, тааллуқ дорад. Он ҳамчун шабакаи бехатарӣ аз тағирёбии талабот ва пешниҳод амал карда, ба эътидол овардани нархҳо, дастгирии кишоварзон ва таъмини дастрасии доимии молҳои зарурӣ равона шудааст.

Дар кори диссетатсионӣ нақши захираи буферӣ дар таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ пешниҳод шудааст, ки аввал, ду нарх (ҳадди ақал ва ҳадди аксар) муайян карда мешаванд. Вақте ки нарх ба минималӣ ($H_3$) наздик мешавад давлат ба харидани озуқа баҳри захиракунӣ шурӯъ мекунад ва кафолат медиҳад, ки нарх минбаъд паст намешавад. Ба ҳамин монанд, вақте ки нарх ҳадди максималӣ ($H_1$) боло меравад, ҳукумат бо фурӯши захираҳои худ нархро коҳиш медиҳад. Вақте, ки нарх муътадил ($H_2$) аст бояд захираҳо нав карда шаванд (расми 4.).




**Расми 4. Нақши захираи буферӣ дар таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Масъалан, дар солҳои ҳосили муътадил ($Х_2$) нарх дар доираи қобили қабул аст ва ба ҳукумат лозим нест, ки ягон амалро анҷом диҳад, ба истиснои азнавкунии захираҳо. Солҳои ҳосили хуб ($Х_3$) нархҳо поин рафтан мегиранд ва давлат бояд маводи озуқаро барои захиракунӣ харидорӣ кунад, то аз поин рафтани нархҳо пешгирӣ намояд ва кишоварзонро аз харобӣ ё муфлисшавӣ нигоҳ дорад. Ҳамин тавр, дар солҳое, ки ҳосили паст ($Х_1$) гирифта мешавад, давлат бояд захираҳои худро ба бозор барорад, то нархҳоро паст нигоҳ нигоҳ дошта, дастрасии озуқавориро ба қишри осебпазири аҳолӣ таъмин намояд.

Муайян шудааст, ки таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ ин аксар вақт захираҳои буферӣ номида мешаванд, барои таъмини устувории мавҷудият ва дастрасии озуқаворӣ истифода мешаванд. Ташкил кардани захираи буферӣ ҷиҳати расидан ба таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ як қатор ҳадафҳои стратегӣ истифода карда мешавад (Расми 5).

Истот карда шудааст, ки дар шароити муосир, ки тамоми иқтисодиёти миллии кишварҳо бо якдигар дар ҳамгирои қарор гирифта, бозорҳои ягона ташкил карда истодаанд. Дар ҳолат ба вуқуъ омадани нооромиҳои сиёсӣ зарбаи аввал ба амнияти озуқавории кишвар расонида мешавад. Аз ин сабаб моро зарур аст, ки оид ба ташкил кардани захираҳои стратегии давлатӣ ва ё худ захираи буферӣ, ки

амнияти озуқавории кишварро ба захира таъмин менамояд андеша намуда онро амлӣ намоем.




**Расми 5. Мақсади захираи буферӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар раванди таҳқиқот тавассути арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ муайянкарда шудааст, ки аз сатҳи талаботи дохилӣ, меъёри захиракунӣ, ҳадди ниҳоӣ ва ҳадди баланди нархҳои дохилӣ, сатҳи молиякунонии захираҳои буферӣ иборат аст. Ташкилкунии захираи буферӣ аз сиёсати амнияти озуқавории ҳар як кишвар вобастагӣ дорад. Исбот карда шудааст, ки захираи буфериашон аз 30 то 360 рӯзро ташкил медиҳад. Акаср вақт барои таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ чунин формула истифода карда мешавад:

$$З_{Б} = Т_{Р} \times Р_{З} \qquad 1)$$

Дар ин ҷо:

$З_{Б}$ – Ҳаҷми захираи буферӣ;

$Т_{Р}$ – Талаботи озуқаворӣ дар як рӯз;

$Р_{З}$ – рӯзҳои захирашаванда.

$$З_{Б\%} = З_{Б}/V_{Тс} \times 100 \qquad 2)$$

Дар ин ҷо:

$З_{Б\%}$ – Ҳаҷми захираи буферӣ бо фоиз;

$V_{Тс}$ – Талаботи озуқаворӣ дар як сол.

Тибқи тавсияҳои Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ТОК) СММ, захираҳо бояд 17% сатҳи истеъмолро ташкил кунанд. Мо метавонем ҳаҷми захираи

озуқавориро дар ҷадвали 2. дида бароем, ки дар асоси маълумотҳои оморӣ тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали 2. – Арзёбии ҳаҷми захираҳои буферӣ***

| Номгуи озуқавории захираша-ванда | Захираи буферӣ дар рӯз/ҳаз.тона | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 15 рӯз | | 30 рӯз | | 45 рӯз | | 60 рӯз | | 75 рӯз | | 90 рӯз | | 105 рӯз | | 120 рӯз | |
| | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % | ҳаз. тона | % |
| Гандум | 57,8 | 4,1 | 115,5 | 8,2 | 173,3 | 12,3 | 231,1 | 16,4 | 288,8 | 20,5 | 346,6 | 24,7 | 404,3 | 28,8 | 462,1 | 32,9 |
| Равғани растанӣ | 6,9 | 4,1 | 13,8 | 8,2 | 20,7 | 12,3 | 27,6 | 16,4 | 34,5 | 20,5 | 41,4 | 24,7 | 48,3 | 28,8 | 55,2 | 32,9 |
| Гушт | 9,0 | 4,1 | 18,0 | 8,2 | 27,0 | 12,3 | 36,0 | 16,4 | 44,9 | 20,5 | 53,9 | 24,7 | 62,9 | 28,8 | 71,9 | 32,9 |
| Шакар | 6,1 | 4,1 | 12,1 | 8,2 | 18,2 | 12,3 | 24,2 | 16,4 | 30,3 | 20,5 | 36,3 | 24,7 | 42,4 | 28,8 | 48,4 | 32,9 |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси: Замимаи 7; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2023. - С. 29; Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2024. - С. 20.

Истифода аз формулаҳои ҳаҷми захираи буферӣ дидан мумкин аст, ки барои 17% захира кардани маҳсулоти озуқаворӣ, ки ТОК СММ тавсия намуда аст 62 рӯзро ташкил медиҳад. Дар ҳолати 60 рӯз захира кардан сатҳи он ба 16,4 % баробар мешавад, ки он ҳам мувофиқи мақсад аст.

Барои ташкил ва ба амали гардонидани захираи буферӣ як қатор амалҳо пешниҳод гардида аст, ки он ба манфиъати кор ва самаранокии захираҳои буферӣ мусоидат мекунад: якум, бино кардани анборҳо ва сардхонаҳои замонавӣ барои нигоҳдории тӯлонии маҳсулоти озуқаворӣ; дуюм, баланд бардоштани қобилияти технологии нигоҳдории озуқаворӣ ва ба истеъмолкунанда расонидани он дар муддати тавсияшаванда хеле муҳим мебошад; сеюм, бастабандии маҳсулоти озуқаворӣ (консервакунонӣ, хушккунӣ, сардкунӣ ва бидуни ҳаво нигадорӣ). Чорум, мониторинги доимии бозори маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ.

**4. Таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти татбиқи афзалияти миллӣ дар ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ гузаронида шуда, тамоюлҳои он муайян карда шуданд. Имкониятҳои иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, шакл ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки истеҳсолот, таъминоти**

**техникӣ ва ҳолати базаи захиравии маҳсулоти кишоварзиро тавсиф мекунанд, муайян карда шудаанд.**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшест, ки маводи ғизоии истеъмолии гуногуни аввалияро тавлид мекунад, озуқаҳоро тавассути коркард ба моддаҳои нав табдил дода, эҳтиёҷи аҳолиро бо ин маҳсулотҳо қонеъ мекунад ва аз ин ҷиҳат ба саломатӣ ва рушди ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Тандурустии ҷомеа, амнияти озуқаворӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар бо озуқаи мувофиқ ва мутавозин вобастагии зич дорад.

Ошкор карда шудааст, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ин маҷмӯи соҳаҳои КАС-и кишвар буда чор соҳаи асосиро дар бар мегирад (расми 6.), ки бо истеҳсолот, коркард, интиқол ва нигоҳдор маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ, расонидани онҳо ба истеъмолкунандагон, таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ бо техника, мошинҳо, моддаҳои кимиёвӣ, нуриҳои минералӣ ва хизматрасонии истеҳсолоти кишоварзӣ зич алоқаманд мебошад.




**Расми 6. Соҳаҳои комплекси агросаноатӣ***
***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар рафти омӯзиш муаян карда шудааст, ки барои фаъолияти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон майдонҳое, ки барои кишти зироатҳо истифода бурдан мумкин аст, арзиши калони иқтисодӣ дорад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023, майдони умумии

заминҳои Тоҷикистон 14137,9 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Қисми зиёди заминҳои истифодаи кишоварзиро заминҳои чарогоҳ ташкил мекунанд, ки аз 2829,7 ҳазор гектар иборат мебошад. Заминҳои корам, ҳамчун заминҳои пурқиматтарини кишти кишоварзӣ - 861,5 ҳазор гектар, ки 6 % тамоми заминҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳлили оморӣ муайян карда шуд, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 % аҳолӣ ё худ 28 % аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 4,8 %-ро занҳо ташкил медиҳанд. Дар мамлакатҳои Аврупо дар соҳаи қишоварзӣ ба ҳисоби миёна 9 %, дар ИМА – 7 %, дар Канада – 6 %, дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қариб 20 % аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ шуғл меварзанд. Дар мамлақатҳои ру ба инкишоф ин нишондиҳанда 70-80% ва аз ин ҳам зиёдтар аст.

Муайян карда шуд, ки соҳаи растанипарварӣ яке аз бахшҳои пешсафи КАС ба шумор рафта, ҳиссаи бештари маҳсулоти умумии кишоварзиро (МУК) ташкил медиҳад (Ҷадвали 3.).

**Ҷадвали 3. – Сохтори маҳсулоти растанипарварӣ ва истеҳсоли он дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1991-2023 (ҳазор тонна)***

| Номгӯи зироатҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | Тамоюл | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | 2020/ 1991, мар. | 2023/ 2020, % |
| Ғалладона | 304,3 | 249,1 | 550,1 | 934,9 | 1261 | 1392,7 | 1561,6 | 1754,9 | 5,1 | 112,4 |
| Зироатҳои равғандор | 828,3 | 413,1 | 338,9 | 460,4 | 327,1 | 298,7 | 418,9 | 372,4 | 0,5 | 88,9 |
| Картошка | 180,9 | 112,0 | 303,2 | 551,1 | 760,1 | 887,4 | 1022,5 | 1144,9 | 5,7 | 112,0 |
| Сабзавот | 627,8 | 491,4 | 354,4 | 718,5 | 1142,6 | 1667,8 | 2479,4 | 3026,2 | 3,9 | 122,1 |
| Зироатҳои полезӣ | 175,0 | 116,0 | 95,3 | 170,2 | 482,4 | 529,4 | 757,0 | 1009,9 | 4,3 | 133,4 |
| Мева, буттамева | 176,8 | 148,7 | 169,9 | 148,3 | 225,4 | 299,2 | 467,8 | 664,3 | 2,6 | 142,0 |
| Ангур | 120,9 | 96,4 | 110,3 | 90,6 | 124,3 | 203,8 | 239,1 | 190,4 | 2,0 | 79,6 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 5959 | 2759 | 1095,7 | 1250 | 1888 | 2501 | 2793,7 | 3107,1 | 0,5 | 111,2 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. - С. 35-37; 2020. - С. 27-51; 2011. - С. 27-50 ва 2001. - С. 25-68.

Аз ҷадвали 3  дидан мумкин аст, ки истеҳсоли аксари зироатҳо дар даврони истиқлолият ба маротиб афзоиш ёфтаанд: ғаладона 5,1 маротиба, картошка 5,7 маротиба ва зироатҳои хӯроки чорво бошад, беш аз 50 дарсад коҳиш ёфтааст.

Ғайр аз соҳаи растанипарварӣ дар сохтори КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон чорводорӣ мавқеи муҳим дорад, ки дар ҷадвали 4. ҳаҷми истеҳсоли ин соҳаро дида мебароем.

**Ҷадвали 4. – Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1991-2023 (ҳазор тонна)***

| | 1991 | 2000 | 2010 | 2012 | 2015 | 2020 | 2023 | 2023/ 1991 | 2023/ 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шир | 587,2 | 309,8 | 660,8 | 778,3 | 888,9 | 1020,9 | 239,20 | 317,66 | 159,36 |
| Гӯшт | 75,3 | 29,6 | 71,6 | 81 | 108,8 | 150,1 | 190,8 | 153,39 | 27,12 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| гӯшти мурғ | 10,9 | 0,1 | 2 | 4,2 | 11,5 | 21,4 | 46,5 | 426,71 | 217,34 |
| Тухм, млн. дона | 454,3 | 23,4 | 231,9 | 291,6 | 357,2 | 983,1 | 1223,7 | 269,36 | 124,47 |
| Моҳӣ, тонна | 3900 | 200 | 677,5 | | | 3386,2 | 4921,1 | 126,18 | 145,33 |
| Асал, тонна | 593 | | 2968,6 | | 3853 | 4221 | 4697 | 792,07 | 111,28 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2024 - С.277, Тоҷикистон: 25 - соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ 2016 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон -2016 - С. 318., Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ - 2024 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 - С. 334., 2021 - С. 334., 2020 - С. 334.

Чи тавре, ки аз ҷадвали 4 бар меояд маҳсулоти чорводорӣ дар муддати 33 соли истиқлолият истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба маротиб афзудааст: гӯшти гов, гӯсфанд ва буз 3 маротиб, гӯшти мурғ 4 маротиб, тухм 2,7 ва асал 7,9 маротиба.

Пас аз таҳлили муфассали имкониятҳои иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии соҳаи мурғпарварӣ нишон дод, ки дар давоми 10 соли амал кардани имтиёзҳои андозӣ ба ин соҳа комилан натиҷаи мусбӣ дод. (расми 7).




**Расми 7. Истеҳсоли тухм ва гўшти мурғ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҲои ҷадвали 4.

Маълумотҳои дар боло оаварда шуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз 4,2 ҳаз.тонна гушти мурғ ва 291,6 млн.дона тухми истеҳсоли соли 2012 ва афзоиш ёфтани он аз соли 2013 то 2023 дар ҳаҷми 46,5 ҳаз.тонна гушти мурғ ва 1223,7 млн.дона тухм асоси ин гуфтаҳои боло мебошад.

Дар рафти омўзиши иқтидори низоми кишоварзии базаи моддию техникии мавриди таҳлил қарор дода шуда, зарибии навкунии воситаи асосӣ ҳисоб карда шуд (Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Миқдори мошин-олотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Номгўи техникаҳо | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | Зариби навкунии ВА | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 2023/ 1991 | 2015/ 2010 | 2023/ 1991 |
| Тракторҳо | 37054 | 24007 | 19947 | 13697 | 9197 | 27376 | 27731 | -0,34 | 27731 | -0,34 |
| Достҳои тракторӣ | 3342 | 1279 | 902 | 488 | 334 | 1445 | 1576 | -1,12 | -0,46 | 0,80 |
| Автомобилҳои боркаш | 18307 | 10925 | 7660 | 4305 | 2575 | 1684 | 1562 | -10,72 | -0,67 | -0,56 |
| Комбайнҳои ғалладаравӣ | 1608 | 983 | 604 | 567 | 375 | 1068 | 1136 | -0,42 | -0,51 | 0,72 |
| Тойбанду такрезчинҳо | 1502 | 824 | 523 | 233 | 147 | 714 | 870 | -0,73 | -0,59 | 0,87 |
| Мошинаҳои пахтачинӣ | 3011 | 1346 | 762 | 170 | 106 | 95 | 30 | -99,37 | -0,60 | -2,24 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. - С. 56; 2011. - С. 59 ва 2001. - С. 79.

Зариби таҷдиди воситаҳои асосӣ ($З_{нав}$) дар корхонаҳои кишоварзӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$З_{нав} \frac{\text{миқдори ВА нав воридшуда (соли ҷорӣ} - \text{соли гузашта)}}{\text{миқдори ВА дар охири соли ҳисоботӣ}}$$

Камшавии захираҳо ва таъминоти техникаи кишоварзӣ натиҷаи афзоиши чандкаратаи арзиши техникаи кишоварзӣ аст. Мошину тракторҳои хоҷагиҳо куҳна шудааст. Қариб ҳамаи он аз мӯҳлатҳои муқарраршудаи истеҳлок, ки дар ҳолати фарсудашуда мебошанд, зиёдтар истифода мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлили маҷмӯии иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки рушди иқтисоди самарабахши соҳаи кишоварзӣ бояд бо дарназардошти оқилона истифода бурдани захираҳои иқлимӣ, заминӣ, меҳнатӣ, илмӣ, моддӣ ва молиявӣ дар истеҳсолоти хурду миёна ва калон, ки якдигарро дар минтақаҳо ва марказҳои саноати хӯрокворӣ пурра мекунанд, дар асоси барномаҳои мақсаднок, лоиҳаи афзалиятноки миллӣ ба монанди "Рушди КАС", СМР-2030 ва барномаҳои минтақавӣ таъмин карда шавад.

**5. Бо дарназардошти чолишҳо ва таҳдидҳои муосир, омилҳои таъсиргузор ба ҳолат ва динамикаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда шуданд. Самтҳои имконпазири таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти рушди низоми дастгирии давлатӣ, танзими тарофавӣ-гумрукӣ, ташаккули низоми идоракунии сифати маҳсулот, инчунин тавсеаи механизмҳои дастгирии молиявӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шудаанд.**

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки амнияти озуқаворӣ муайянкунандаи ҳолати бехатарии ҷомеа буда, сохтори асосии амнияти иқтисоди миллӣ баҳисоб меравад. Таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ на танҳо бехавф гардонидани таҳдидҳои дохилӣ ва беруна аст, балки таҳдидҳои пайдошавандаро, ки боиси мушкил шудани дастрасии аҳолӣ (аз ҳисоби баланд шудани нарх, вайрон шудани шабакаҳои таъмин) ба озуқаворӣи аввалиндараҷа ё коҳиш ёфтани истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ мешавад, безарар мегардонад. Имрӯзҳо омилҳои

зиёде мавҷуданд, ки ба амнияти озуқаворӣ таҳдид мекунанд ва ҳушдор медиҳанд, ки чаро баъзе аз кишварҳо нисбат ба дигарон бештар маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол мекунанд (ҷадвали 6.)

**Ҷадвали 6. – Омилҳои ба таъмини амнияти озуқаворӣ таҳдидкунанда***

| Омилҳо | Таҳдидҳо |
|---|---|
| Омили иқлимӣ | Гармшавии глобалӣ - Вақте ки кишоварзон аз хушксолӣ азият мекашанд, дар ҷаҳон истеҳсоли ғаладона камтар мешавад ва нархи он боло меравад, ки дар натиҷа қишри камбизоати аҳолӣ бештар осебпазир мегарданд; |
| Омили технологӣ | Технологияҳо метвоананд нарасидани ҳарорат, об ва моддаҳои ғизоиро дар шакли гармхонаҳо, обёрии сунъӣ ва нуриҳои минералӣ бартараф кунанд; |
| Заминҳои кишоварзӣ | Тақсими заминҳои назди ҳавлигӣ ва сохтмонҳо, боиси кам гардидани масоҳати кишти кишоварзӣ мешавад; |
| Ҳашароти ва касалиҳо | Пестисидҳо хосилро зиёд мекнанд, аммо на ҳама онҳоро истифода бурда метавонанд; |
| Ирригатсия | Низоми обёрӣ, кишварҳоеро, ки боришоти беэътимод ё кам доранд, бо об таъмин мекунанд; |
| Низоъ ва нооромиҳои сиёсӣ | Ҷанг ва норомиҳои сиёсӣ деҳқононро маҷбур месозад, ки заминҳоро тарк кунанд ё ба низоъ ҳамроҳ шаванд, зироатҳо метавонанд ҳангоми ҷанг нобуд гарданд; |
| Камбизоатӣ | Одамон даромади пули камтар (аз ҳадди ақал ё сабади истеъмолӣ) доранд, онҳо наметавонанд ғизо (нерӯи) кофӣ гиранд ва самаранок кор кунанд; |

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Муайян карда шуд, ки таъсири таъмин набудани амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ба рушд ва пешравии иқтисодиёти давлат таъсири манфӣ мерасонад. Чун ки воситаҳои молиявӣ ва сармоягузориҳо бештар ба таъмини озуқаворӣии аҳолии кишвар равона мегардад.

Қайд карда шудааст, ки ноамнии озуқаворӣ барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мушкилоти аввалин дараҷа ба шумор меравад. Омилҳое, ки амнияти озуқаворӣ таҳдид мекунанд инҳоянд: гуруснагӣ ё камғизогӣ, эрозияи хок, буридани ҷангалҳо, баландшавии нархҳои озуқаворӣ, дастрасии қарзҳои кишоварзӣ, нооромиҳои иҷтимоӣ.

Дар диссертатси омилҳои ба таъмини амнияти озуқаворӣи давлат таъсиррасон муайян карда шуда, пешниҳод гардидааст (расми 8).




**Расми 8. Омилҳои ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсиррасон***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар натиҷаи гурӯҳбандии омилҳои ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсиррасон пешниҳод шудааст, ки танзими омилҳои гуруӯҳбандӣ шуда сатҳи таҳдидҳо ва хатари амнияти озуқавориро дар мамлакат коҳиш медиҳад. Албатта таснифоти омилҳои дар боло оварда шуда нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо ҳоло ҳам мукамл нестанд ва вобаста ба шароити иқлимӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ метавонанд тағйир ёбанд.

**6. Методикаи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод ва озмоиш карда шудааст, ки аз истифодаи чунин ҷузъҳо ба мисли даромад, таъминот, ҷойгиркунии шабакаҳои савдо ва тақсимот иборат мебошад. Исбот шудааст, ки бо назардошти афзалияти истеҳсолоти воридотивазкунанда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватанӣ, кам кардани хавфи воридоти беназорат, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин васеъ намудани ҷузъҳои инфрасохтор зарур аст.**

Дар дисертатсия қайд шудааст, ки амнияти озуқаворӣ яке аз ҷанбаҳои асосии рушди устувор ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ба шумор меравад. Ҳалли муосири мушкилоти амнияти озуқаворӣ, аз як тараф, ба аҳамияти аввалиндараҷаи худи бахши озуқаворӣ, аз тарафи дигар, амнияти озуқаворӣ, чи аз ҷиҳати мавҷудият, дастрасӣ, истеъмолот ва устуворӣ ва ҳам аз ҷиҳати микдорию сифатии маҳсулоти озуқаворӣ вобаста аст. Аз ин бар меояд, ки консепсияи амнияти озуқаворӣ баҳсталаб буда, хусусияти на танҳо мубрам, балки мураккаб, бисёрсатҳа ва бисёрҷанба будани ин категорияро нишон медиҳад (расми 9.).




**Расми 9. Дастрасӣ (дастёбӣ) дар низоми амнияти озуқаворӣ***
***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар кори диссертатсионӣ оварда шудааст, ки яке аз шартҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ин худтаъминкунӣ ва захираи стратегии (буферӣ) кишвар бо навъҳои асосии озуқа мебошад. Захираи стратегии (буферӣ) озуқавориро дар сатҳи зарурӣ ташкил ва нигоҳ доштан аст, ки ин вазифаи асосии давлат мебошад. Маълумот дар бораи захираи озуқавории давлатӣ дар ҷадвали 7. оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. – Тавозуни озуқавории истеъмоли аввалиндараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023***

| Намуди озуқа | Тавозуни озуқаворӣ, ҳаз.тонна | | | | | | Сатҳи худтаъминкунӣ | Сатҳи таъминот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Захира дар аввали сол | Истеҳсоли худӣ | Воридот | Ҳамагӣ захираҳо | Истеъмол | Захира дар охири сол | | |
| Ғалладона | 218,1 | 1754,9 | 1080,3 | 3053,2 | 2784,9 | 268,4 | 0,63 | 1,10 |
| Картошка | 180 | 1144,9 | 47,4 | 1371,9 | 931,6 | 440 | 1,23 | 1,47 |
| Сабзавот ва полизӣ | 759 | 4036,1 | 70,3 | 4865,9 | 3968,2 | 898 | 1,02 | 1,23 |
| Меваҷот | 453 | 854,7 | 49,7 | 1357,0 | 1252,3 | 105 | 0,68 | 1,08 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 18 | 239,2 | 40,2 | 297,0 | 254,0 | 43 | 0,94 | 1,17 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 13 | 1118,5 | 8,7 | 1140,6 | 1096,8 | 44 | 1,02 | 1,04 |
| Равғани растанӣ | 1 | 25,8 | 177,2 | 204,0 | 198,0 | 6 | 0,13 | 1,03 |
| Қанд ва маҳсулоти қанодӣ | 104 | 26,4 | 155,2 | 285,6 | 266,3 | 19 | 0,10 | 1,07 |
| **Сатҳи миёнаи таъминот** | | | | | | | 0,73 | 1,23 |

***Сарчашма:** Таҳия мулиф дар асоси: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2022. - С. 17-21 ва 2024. - С. 33: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – С. 19.

Дар ҷадвали 7 дидан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи миёнаи худтаъминкунӣ ба 73 баробар аст, ки аз ин сатҳи пурра таъмини набудани амнияти озуқаворӣ мамлакат шаҳодат медиҳад. Дар ҳоле, ки тибқи натиҷаҳои таҳқиқот на кам аз 85 % худтаъминкунии озуқаворӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Яке аз маҳакҳои муайян кунандаи дастрасии воқеии озуқаворӣ ин ҳолати инфрасохтори хоҷагии халқ (зичии роҳҳо) мебошад (ҷад. 8).

**Ҷадвали 8. – Зичии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021***

| Кишвар | Масоҳат | Аҳолӣ | Зичии роҳҳои автомобилгард | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Роҳҳои байналхалқӣ | | Роҳҳои истифодаи умум | |
| | ҳаз.км$^2$ | Млн. одам | км/ҳаз. км$^2$ | км/ҳаз. одам | км/ҳаз. км$^2$ | км/ҳаз. одам |
| Тоҷикистон | 141,4 | 9506,3 | 23,692 | 0,35 | 100,41 | 1,49 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Оценка сети автомобильных дорог Республики Таджикистан / А.М. Умирзоков Н.Р. // Труды НГТУ им. Р.Е. Алексеева. - 2021. - № 3. - С. 119.

Инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1260 км Роҳи оҳан тул мекашад. Роҳи оҳан 4,8 % роҳҳои хушкигарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Маҳаки дигари дастрасии воқеии озуқа ин таъмин будани аҳолии кишвар бо нуқтаҳои фуруши озуқаворӣ мебошад. Аз мушоҳидаҳо бар меояд, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои аҳолинишин ба қадри кофӣ нуқтаҳои фуруши озуқаворӣ ба чашм мерасад.

Аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронидашуда дастёбии воқеии таъмини амнияти озуқавориро чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст: якум, Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз гандум, равғани растанӣ ва қанд аз дигар намуди маҳсулоти озуқаворӣ худтаъмин аст; дуюм, инфрасохтори кишоварзӣ дар Тоҷикистон инкишоф ёфтааст. Дар ноҳияҳо ва деҳаҳо сохтмони роҳҳои автомобилгард тамоюли мусбӣ мушоҳида карда мешавад; сеюм, дар минтақаҳо ҳаҷми таъминоти воқеии аҳолӣ бо майдони муассисаҳои савдои маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд аст. Ин таъмини будани амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати дастрасии воқеии озуқа шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 9. – Арзёбии сабади истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёри биологии истеъмол ва истеъмоли ҳақиқӣ дар як моҳ бо нархҳои солҳои мувофиқ***

| **Маҳсулотхо, кг** | **Меъёри биологии истеъмол дар як** | **Меъёри биологии истеъмол дар як моҳ дар ҶТ бо нархҳои соли 2022** | | | **Истеъмоли ҳақиқи дар як моҳ бо нархҳои солҳои мувофиқ** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | **2000** | | | **2005** | | | **2010** | | | **2015** | | | **2020** | | | **2022** | | |
| | хаҷм | хаҷм | нарх | сумма | хаҷм | нарх | сумма | Хаҷм | нарх | сумма | хаҷм | нарх | сумма | хаҷм | нарх | сумма | хаҷм | нарх | сумма | хаҷм | нарх | сумма |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 148 | 12,33 | 21,8 | 268,79 | 12,3 | 0,5 | 6,66 | 12,9 | 0,98 | 12,65 | 13,4 | 6,7 | 89,44 | 12,5 | 13,3 | 167 | 13,8 | 23,3 | 321,6 | 12,98 | 21,8 | 283,52 |
| Картошка | 92 | 7,67 | 3,97 | 30,45 | 3,2 | 0,5 | 1,58 | 2,7 | 0,9 | 2,36 | 2,9 | 1,8 | 5,25 | 3,0 | 2 | 5,97 | 3,4 | 4,5 | 15,38 | 3,42 | 4,9 | 16,78 |
| Сабзавот ва полезӣ | 166 | 13,83 | 3,69 | 51,03 | 8,2 | 0,3 | 2,46 | 6,6 | 0,4 | 2,65 | 5,9 | 2 | 11,78 | 6,7 | 3 | 20,00 | 11,4 | 4 | 45,70 | 10,73 | 3,03 | 32,50 |
| Мева ва бутамева | 124 | 10,33 | 11,93 | 123,24 | 4,2 | 2,0 | 8,47 | 3,2 | 2,5 | 8,00 | 2,8 | 6 | 16,60 | 3,0 | 10 | 29,92 | 2,6 | 11 | 28,05 | 2,98 | 12,5 | 37,23 |
| Равғани растанӣ | 17 | 1,42 | 22,24 | 31,58 | 0,9 | 2,2 | 1,87 | 1,0 | 2,7 | 2,79 | 1,2 | 6 | 7,20 | 1,3 | 8,5 | 11,12 | 1,5 | 16,3 | 24,99 | 1,60 | 15,49 | 24,85 |
| Гушт | 41 | 3,42 | 66,7 | 228,11 | 0,4 | 4,0 | 1,47 | 0,7 | 7,6 | 5,26 | 0,9 | 18 | 16,50 | 1,2 | 35 | 42,58 | 2,3 | 50 | 117,08 | 2,02 | 66,97 | 135,11 |
| Шир | 115 | 9,58 | 5,63 | 53,94 | 5,4 | 0,4 | 2,16 | 4,0 | 1,0 | 3,86 | 5,1 | 2 | 10,15 | 4,8 | 3 | 14,38 | 5,3 | 4 | 21,10 | 3,53 | 7,03 | 24,80 |
| Тухум (дона) | 180 | 15 | 1,12 | 16,80 | 3,0 | 0,2 | 0,60 | 2,0 | 0,3 | 0,66 | 3,3 | 0,5 | 1,67 | 6,0 | 0,75 | 4,50 | 13,2 | 0,8 | 10,53 | 13,00 | 1,2 | 15,60 |
| Шакар | 20 | 1,67 | 10,67 | 17,82 | 0,6 | 1,5 | 0,84 | 0,9 | 1,8 | 1,60 | 1,0 | 4,5 | 4,50 | 1,1 | 5,5 | 6,28 | 1,6 | 6,5 | 10,56 | 1,36 | 12,5 | 17,04 |
| Моҳӣ | 9 | 0,75 | 47 | 35,25 | 0,02 | 2,7 | 0,05 | 0,02 | 5,3 | 0,08 | 0,02 | 23 | 0,46 | 0,03 | 25 | 0,75 | 0,15 | 35 | 5,25 | 0,01 | 50 | 0,54 |
| Чой | 1,8 | 0,15 | 50 | 7,5 | 0,03 | 3 | 0,09 | 0,03 | 4,68 | 0,14 | 0,03 | 28 | 0,84 | 0,04 | 30 | 1,20 | 0,04 | 45 | 1,80 | 0,04 | 60 | 2,40 |
| **Ҳамагӣ** | | | | **864,51** | | | **26,6** | | | **40,0** | | | **164,39** | | | **303,36** | | | **602,06** | | | **590,37** |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи"Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз "31" августи соли 2018 №451, Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С.198-199; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – С. 118; Рыночные цены Таджикистана / [Манбаи электронӣ]. - Низоми дастрасӣ: https://prices.agroinform.asia/tj/allprices. санаи мурочиат: 06.01.2022.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки нишондиҳандаи дигари дастрасӣ ин маҳаки иқтисодӣ мебошад, ки дар таъмини озуқаворӣ нақши муҳимро мебозад.дастрасии озуқаворӣ бо сатҳи раванди иқтисодӣ ва иҷтимоии ташаккули ҷомеа муайян карда мешавад, ки ба ҳаҷми даромад: музди меҳнат, трансфертҳо, хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва дигар даромадҳои пулӣ вобаста аст, ба шаҳрвандони дорои сатҳи зиндагии гуногун имкон медиҳад, ки дар ҳаҷм ва навъҳои муайян маҳсулоти хӯроквориро бо нархҳои мавҷуд буда харанд. Ба дастрасии иқтисодии озуқаворӣ истеҳсоли маҳсулот ва воридоти он барои истеъмоли шаҳрвандон мусоидат мекунад. Дар динамикаи сабади истеъмолӣ нисбат ба давраҳои гузашта ва меъёри биологии истеъмол тамоюли мусбат дида мешавад (ҷадвали 9).

Аз ҷадвали 9 мушоҳида кардан мумкин аст, ки арзиши сабади истеъмолӣ ҳар панҷ сола ба маротиб меафзояд. Барои боз ҳам равшантар гардидани таҳлили дастрасии иқтисодии маҳсулоти хӯрокворӣ мо бояд динамикаи арзиши сабади истеъмолиро нисбати даромади аҳолӣ дида бароем, ки он дар ҷадвали 10 оварда шудааст.

**Ҷадвали 10. – Таносуби сабади истеъмолии маҳсулоти хӯрокворӣ нисбати даромади ҳар нафар аҳоли дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Нишондиҳандаҳо | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Даромади умумӣ, сомонӣ** | **16,9** | **55,5** | **190,2** | **297,6** | **520,6** | **839,6** |
| **Сабади истеъмолӣ, ҳақиқӣ** | **26,25** | **40,04** | **164,39** | **303,36** | **602,06** | **590,4** |
| Сабади истеъмолии ҳақиқӣ нисбати даромади умумиӣ/ % | 155,30 | 72,18 | 86,44 | 101,93 | 115,66 | 70,3 |
| **Сабади истеъмолӣ, меъёрӣ** | **63,03** | **100,35** | **306,43** | **520,91** | **767,68** | **868,4** |
| Сабади истеъмолии меъёрӣ нисбати даромади умумиӣ/ % | 372,98 | 180,87 | 161,12 | 175,03 | 147,47 | 103,4 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. - С. 187-189; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – С. 118.

Чи тавре, ки аз ҷадвали 10. мушоҳида кардан мумкин аст, арзиши сабади истеъмоли ҳар панҷ сола ба маротиб меафзояд. Барои муайян кардани вобастагии сабади истеъмоли аз даромад (пардохтпазирӣ) тавасути таҳлили регрессионӣ зариби коррелятсия онҳоро дида мебароем (расми 10).




**Расми 10. Таносуби сабади истеъмолӣ нисбати даромади ҳар нафар аҳолӣ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводхои ҷадвали 10.

Дар натиҷаи таҳлили регрессионӣ маълум гардид, ки зариби коррелятсия мо мебинем, ки бо чен кардани қувваи таносуби байни даромади умумӣ (х) ва сабади истеъмолӣ (Y), онҳо аз ҳамдигар хело вобастаанд. Дар натиҷа маълум гашт, ки барои таъмини амнияти озуқавории давлат, аҳолӣ ва ҳам дар алоҳидагии ҳар як шаҳрванд, новобаста аз мансубияташ ба табақаҳои аҳолӣ таносуби сабади истеъмолӣ нисбати даромади ҳар нафар аҳолӣ алоқамандии зич дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зариби коррелятсияи ҷуфтҳои хатии нархи маҳсулоти озуқаворӣ аз даромади аҳолӣ вобастагӣ дорад ва доим дар афзоиш аст. Аммо даромади аҳолӣ нисбати арзиши сабади истеъмолии меъёрӣ нисбат алоқаманди кам дорад. Аз ин лиҳоз нархи маҳсулоти озуқаворӣ доим мониторинги маҳсулоти кишоварзиро талаб мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бартараф намудани масъалаҳои худтаъминкунии озуқаворӣ дар дохили хоҷагии халқ ғайриимкон мебошад. Зеро мамлакатҳои дар ҳолати иқтисодиёти гузариш қарордошта бо сабаби норасогии истеҳсоли ҳаҷми зарурии озуқаворӣ, мушкилии дастрасии маҳсулоти ғизоӣ, инчунин нокифоя будани иқтидори пардохтпазирии аҳолӣ масъалаи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мураккаб мебошад. Ҳиссаи истеҳсоли ватанӣ ва воридоти маҳсулоти озуқавориро метавонем дар расми 11 бубинем.




**Расми 11. Тавозуни истеҳсоли худӣ ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар соли 2023***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали 7.

Чӣ тавре, ки маълум мегардад масъалаи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ҷузъи муҳими амнияти озуқаворӣ буда, таҳқиқи он равишҳои гуногуни методологӣ ва таҳқиқоти муосирро тақазо менамояд.

Ҳамин тариқ, ошкор карда шуд, ки истеҳсоли озуқаворӣ бештар ба шароити табиӣ вобаста аст, дар ҳоле ки шароити иқтисодӣ ва пеш аз ҳама сарватҳои миллӣ, ба истеъмоли хӯрокворӣ ва сатҳи бехатарӣ бештар таъсир мерасонанд. Шароити номусоиди табииро метавон тавассути савдои берунӣ ҷуброн кард, аммо ин барои воридоти маҳсулоти кишоварзӣ сармояи иловагиро талаб мекунад.

Пешниҳод шудааст, ки сиёсат ва стратегияи рушди агросаноатӣ бояд ба дастгирии пайвастаи амнияти озуқавории миллӣ тавассути “сермаҳсулии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот” равона карда шавад. Ба андешаи мо бояд ҳадафҳои сиёсати зеринро дар соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ намуд:

– азхудкунии заминҳои кишоварзӣ ва ҳамгироии КАС;
– ҳавасмандгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
– механикунонии соҳаи кишоварзӣ ва низомҳои обёрӣ;
– ҷорӣ кардани ниҳолпарварии интенсивӣ;
– васеъ кардани гармхонаҳо ва ғ..

Дар таҳқиқоти гузаронида шуда дидан мумкин аст, ки дастрасии ғизо як қисми низоми таъмини амнияти озуқаворӣ аст, ки дар он ҳамаи қисмҳо ба ҳамдигар вобастаанд. Вақте ки мушкилот дар як қисми низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ба вуҷуд меоянд, барои дигар қисмҳо оқибатҳои манфӣ доранд: кофи будани истеҳсоли озуқаворӣ ва коркарди он; дастрас будани роҳ ва нақлиёт; дастрас будани нуқтаҳои фуруш дар маҳаллаҳои аҳолинишин; сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ; сатҳи нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ; захираи давлатӣ; имтиёзҳои давлатӣ; кумакҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони эҳсонкор.

**7. Асосҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси даврабандии он таҳия гардида, зарурати таҳияи «Доктринаи таъмини амнияти озуқаворotherии Ҷумҳурии Тоҷикистон» асоснок карда шудааст. Зарурати бознигарии сиёсати давлатӣ дар самти кишоварзӣ дар шароити гузаштан аз модели рушди иқтисодии аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ асоснок карда шудааст.**

Дар кори диссертатсиони қайд шудааст, ки ташаккул ва рушди консепсияи амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистони муосир, бинобар тамоюли гузариш аз иқтисодиёти агросаноатӣ ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва дигар ҷанбаҳои ҳамгироии байналмилалӣ, минтақавӣ ва дохилӣ, коркарди маҷмӯи чорабиниҳоро талаб мекунад.

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шудааст, ки эътимоднокии амнияти озуқаворoccurии давлат тавасути як қатор нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ки муҳимтаринашон онҳо инҳо мебошанд: сатҳи истеҳсолоти кишоварзии кишвар; дараҷаи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ; мавҷудияти захираҳои интиқолёбанда; сатҳи истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ва дараҷаи дастрасии ғизо барои қисми камбизоати аҳолӣ.

Дар рафти омӯзиши консепсияи амнияти озуқаворӣ қайд карда шудааст, ки ҳарчанд дар давраи гузашта консепсияи амнияти озуқаворӣ пурра моҳияти имрӯзаи худро пайдо накарда бошад ҳам, дар консепсияи муосири таъмини аҳолӣ бо озуқаи

аввалиндарача таркиби асосии он маълум мегардад, ки метавон онро ба панҷ давраи рушд ҷудо намуд:

Давраи аввали ташакули консепсияи амнияти озуқаворӣ, ки ҳамчун заминаи он дар иқтисодиёти миллӣ барои таъмини аҳолӣ бо озуқавории аввалиндарача пешбинӣ шудааст, ки ин давра ба асрҳои XVIII рост меояд ва мушкилоти таъмини озуқавориро аввалинбора баррасӣ карда шудааст.

Давраи дуюми рушди консепсияи таъмини амнияти озуқаворӣ ба солҳои 1970 рост меояд, ки дар ин давра раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт пеш бурдани сиёсати дарҳои кушода ва афзоиши савдои хориҷӣ ба миён омад.

Давраи сеюми консепсияи амнияти озуқаворӣ аз солҳои 1990-уми асри гузашта оғоз меёбад, ки он ҳамчун мушкилоти ҷаҳонӣ эътироф шуд.

Давраи чорум аз солҳои солҳои 2001 оғоз гардида, то соли 2010-ро дарбар мегирад. Дар ин давра, ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ буҳрони ҷаҳонӣ таъсир расонид (ба соли 2004 рост меояд), ки дар натиҷа муносибатҳои ҳамгироии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ тағйир ёфта, сабабаш ғайри самаранок фаъолият кардани соҳаи кишоварзӣ ва аз бозор баромадани хоҷагиҳои хурди кишоварзӣ гашт.

Давра панҷум ба солҳои 2010-2020 рост меояд, ки он новобаста аз офатҳои табиӣ ва техникии дар кураи замин ба вуқӯъ омада, дар самти ҳадафҳои муайяни рушд дар мӯҳлатҳои маҳдуди «тағйири консепсия» дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва хоҷагии халқ ба миён омад. Дар ин давра пас аз анҷом ёфтани барномаи «Дучанд коҳиш додани гуруснагии аҳолӣ то соли 2015» аз ҷониби ТОК (FAO) барномаи «Гуруснагии сифрӣ» ҷорӣ карда шуд, ки ҳадафи он барҳам додани гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ то соли 2025 мебошад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доктринаи алоҳидаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар шакли мукаммал таҳия нагардидааст, аммо ҷузъиёти таркибӣ, мақсадҳои стратегӣ, самту масоили амнияти озуқавории мамлакат дар шакли санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои соҳавӣ ба таври алоҳида таҳия гардидааст. Аз ин сабаб, ҷиҳати таҳияи докринаи амнияти озуқавории мамлакат пеш аз ҳама таҳқиқ ва баррасии асосҳои

консептуалии таҳияи низоми амнияти озуқаворӣ ва стратегияи рушди он дар шароити ноилгардидан ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ мубрам мебошад. Бахусус докринаи таъмини амнияти озуқаворӣ бояд ҳамоҳангкунандаи фаъолияти ҷузъҳои таркиби ба монанди-истиқлолияти озуқаворӣ, таъмини меъёрҳои воявии истеъмоли озуқа, фаровонӣ ва дастрасии кифояи озуқа барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла дарстрасии иқтисодӣ, воқеӣ, таҳияи нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои амнияти озуқаворӣ бошад.

Дар натиҷаи таҳлили консептуалӣ пешниҳод гардида аст, ки вобаста ба ҳадафҳои олии мамлакат метавонад ҳамчун дастурамали заминавии таҳияи докринаи миллии амнияти озуқаворӣи Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад. Дар ин маврид, дар раванди таҳияи докринаи таъмини амнияти озуқаворӣ чунин тадбирҳоии асосиро ба эътибор гирифитан муҳим аст: 1) шароити мусоиди амнияти озуқаворӣ; 2) дастрасии озуқа ба ҳама; 3) рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ; 4) саҳми савдо дар таъмини амнияти озуқаворӣ; 5) расонидани кумакҳои фаврӣ кай ва дар куҷое, ки он зарур аст; 6) сармоягузории зарурӣ; 7) ташкили захираи фавқулодда ва буферӣ; 8) маҳалигардонии истеҳсолоти кишоварзӣ; 9) мувофиқа намудани кушишҳо вобаста ба таъмини шароити мӯътадили иқтисодӣ ва татбиқи стратегияҳои рушд, натиҷаҳои иқтисодие, ки ба таври инфиродӣ ё ҷамъиятӣ аз ҷониби ташкилотҳо, кишварҳо ва шахсони алоҳида ба даст оварда мешавад, таъмин менамояд.

Пешниҳод гардида аст, ки дар консепсия амнияти озуқаворӣ ғайр аз чор ҷузҳои эътироф шуда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зеринро бояд дар бар гирад, ки метавонад асоси таҳияи доктринаи амнияти озуқаворӣ гардад:

- таҷдиди сиёсати давлат аз соҳаи кишоварзӣ ба индустриалӣ-аграрӣ;
- зиёд кардани заминҳои кишоварзӣ (бо роҳи обёрии заминҳои хобида);
- ҷорӣ кардани усулҳои нави пешбурди фаъолияти кишоварзӣ;
- танзими воридоти озуқаворӣ;
- таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ.

**8. Роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷузъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ошкор карда шудаанд. Дар ин замина бо назардошти устувории истеҳсолоти кишоварзӣ, додани қарзҳои имтиёзнок, ташаккули захираҳои буферӣ, таҳияи консепсияҳои азхудкунии заминҳои нав ва шаклҳои истифодаи замин, инчунин беҳтар намудани сифати маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун самтҳои ояндадори таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуданд.**

Дар натиҷаи муайян намудани самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қонунгузорӣ ва стратегияи рушд оварда шудааст баъзе пешрафтҳои мусбӣ дида мешаванд, аммо дар амал мушкилот дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ҳоло ҳам вуҷуд дорад, ки аз зарурат ва муҳимияти қабули «Доктринаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳодат медиҳад.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки дар Тоҷикистон мушкилот барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз қабили паст будани таҳсилоти замонавӣ дар самти кишоварзӣ, дастгирии давлатӣ, молия ва қарз, хатарҳои иқлимӣ, обёрии заминҳои хобида, паст будани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ, нокифоя будани маърифати аҳолӣ дар хариди маҳсулоти ватанӣ ва ғайра мавҷуд аст.

Дар кори диссертатсионӣ, вобаста ба тағйиротҳои сохторӣ ва вазъи бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ чунин вазифаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ҷудо када шудааст: ояндабанӣ, муайянсозӣ ва таҳияи чораҳои зарурии таҳдидҳои гуногунсатҳи амнияти озуқаворӣи мамлакат; афзоиши истеҳсолоти ватании озуқаворӣ; дастраси иқтисодии шаҳрвандони мамлакат ба маҳсулоти озуқаворӣи хушсифат ва аз нигоҳи экологи тоза буда.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки самти асосии ба рушди таъмини озуқаворӣи давлати соҳибистиқлол мусоидаткунанда, ин дастгирии далатии (фискалӣ ва ғайри фискалӣ) истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқот пешниҳод шудааст, ки яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати кишоварзӣ рушди комплекси агросаноатӣ дар ҳама самтҳо, аммо бештар дар фаъолияти маркетингӣ, таъминотӣ ва қарзӣ, ки дар расми 12. мушоҳида кардан мумкин аст.

| | |
|---|---|
| Нархгузорӣ | - васеъ намудани номгуи маҳсулот ва такмил додани тадбирҳои маҳсулоттайёркунӣ;<br>- истифодаи механизми нархҳои индикативӣ барои интервенсияҳои хариди ипотекӣ, сатҳи дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ. |
| Қарздиҳӣ | - васеъ намудани дастрасии қисми асосии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба қарзҳо;<br>- истифодаи механизми фоизи пасти кишоварзӣ аз рӯи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ. |
| Субсидия | - ҷорӣ намудани дастгирии давлатӣ ба навъҳои алоҳидаи зироат ва чорво;<br>- дастгирии давлатӣ барои хариди техника ва таҷҳизотҳои кишоварзӣ. |
| Суғурта | - баланд бардоштани дастрасии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба суғуртаи субсидияшаванда;<br>- васеъ намудани номгӯи объектҳои суғуртаи зироатҳои кишоварзӣ, чорво ва парранда. |
| Андозбандӣ | - озод кардан аз ААИ ё татбиқи меъёри пасти ААИ барои таҳвилкунандагон ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти хоҷагиҳои кишоварзӣ;<br>- ҳавасмандгардонии фаъолияти инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар КАС. |
| Маркетинг | - такмилдиҳии бандубасти маҳсулотҳои кишоварзӣ тибқи талаботҳои содиротӣ<br>- ташкил кардани бозорҳои озуқаворӣи наздисарҳадӣ;<br>- ташкил намудани бозори маҳсулотҳои кишоварзии мамлакатҳои ИДМ. |
| Идоракунӣ | - ҳавасмандгардонӣ ва маҳаллисозии истеҳсолоти кишоварзӣ;<br>- низоми пешгӯӣ ва самти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;<br>- тақсимоти вазифаҳо дар мақомотҳои маҳаллӣ аз ҷиҳати идоракунии КАС;<br>- баланд бардоштани нақши ассотсиатсияҳои соҳаҳои КАС;<br>- ташкил ва идоракардани пойгоҳи мошинӣ-тракторӣ (МТС).<br>- ба тартиб даровардан ва мустаҳкам намудани сохтори идоракунии КАС дар минтақаҳо. |

**Расми 12. Механизми иқтисодии тараққиёти комплекси агросаноатӣ**

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки дар бобати ба роҳ мондани сиёсати савдои берунӣ бо мамлакатҳои ИДМ, дар оянда ташкил намудани бозори умумикишоварзии мамлакатҳои ИДМ хеле муҳим аст. Ин дар натиҷаи тафриқаи шароити табиию иқлимӣ, махсусгардонии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Дар байни самтҳои афзалиятноки сиёсати савдои хориҷӣ, ки бо таъмини амнияти озуқаворӣ алоқаманданд, инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- механизмҳои таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣи нокифояи аз хориҷа;
- ташкили бозори ягонаи озуқаворӣи кишварҳои ИДМ;
- тадриҷан даст кашидан аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо;
- ҳамоҳангсозии сиёсати маркетингӣ, андоз, молия ва қарз;
- татбиқи барномаҳои муштарак оид ба дастгирии соҳаҳои кишоварзӣ;
- такмил додани кумаки суроғавӣ ба қишри аҳолии осебпазир.

Дар диссертатсия қайд шуда аст, ки вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, самтҳои афзалиятноки беҳтар намудани амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҳои татбиқи онҳо пешниҳод шуда аст. Самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти озуқаворӣ мувофиқи сохтори таркибии бозори озуқаворӣ ва иштироки мақомотҳои давлатӣ, ки аз иқтисодӣ-сиёсӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ иборат аст (расми 13).




**Расми 13. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки минбаъд дар самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ як қатор вазифаҳои нав бояд иҷро шаванд, махсусан: қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ғизоӣ ва хӯроквори аҳолӣ; афзоиши устувори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ; ҷорӣ кардани қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи

кишоварзӣ; ташаккул додани устуворӣ ва мутобиқшавӣ  ба тағйирёбии иқлим; дар шароити рақобат роҳҳои ҳалли устуворро пайдо кардан; таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ (захираи буферӣ); тамдид намудани лоиҳаҳои азхудкунии заминҳои нави обӣ; тартиб додани консепеияи нави истифода ва азхудкунии минтақаҳои кухӣ ва баланд бардоштани нақши онҳо дар халли мушкилоти амнияти озуқаворӣ; роҳҳои баланд бардоштани ғизои хушсифат ва безарар ба даст овардани онҳо.

**9. Нақш ва аҳамияти механизмҳои маркетингӣ ва самарабахши бозор дар ташаккули низомҳои устувори кишоварзию озуқаворӣ исбот шудааст. Ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи асосии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳисоб ваояндабинӣ карда шудааст. Зарурати рушди заминаи истеҳсолӣ, захиравӣ, инфрасохтории таъмини амнияти озуқаворӣ ва низоми мониторинги вазъи амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст.**

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фарогири масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ ва дастрасӣ ба маводи ғизои босифату бехатар ва тарзи ҳаёти солим дар асоси рушди устувори истеҳсолоти рақобатпазири кишоварзӣ, рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва рафъи монеаҳо ҷиҳати таъмини дастрасии мустақим ба бозор истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ барои истеъмоли оқилонааи маводи ғизоӣ мебошад.

Исбот шудааст, ки такмили низоми таъминоти минтақавӣ, наздисарҳадӣ ва байналмилалӣ дар ҳавасмандгардонии рақобат ва рушди муомилоти мол дар кишвар нақши махсус дорад. Он бояд асосан ба макомоти давлатӣ тобеъ бошад ва иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

1) таъмини рақобат бо роҳи муқаррар намудани қоидаҳои ягонаи савдо;
2) захиракунӣ маҳсулоти озуқаворӣ дар анборҳо ва сардхонаҳо.
3) бозори яклухти минтақавӣ;
4) интернет-мағозаи (*Internet-Market)* маҳсулоти озуқаворӣ;
5) таъмини сифат тавассути стандартикунонии миллӣ ва байналмилалӣ.

Муайян карда шудааст, ки бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва сифати маҳсулотро бо назорати доимии истеҳсолот ва коркард аз ҷониби давлат ва сохторҳои он таъмин кардан мумкин аст. Исбот карда шудааст, ки ин шакли назорат ҳангоми интиқол додани маҳсулот аз рӯи шабакаҳои дарозмуддати муқарраршуда нисбатан самаранок аст (расми 14.).




**Расми 14. Механизми пешбурди маҳсулоти озуқаворииватанӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Агар истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ чӣ саноати коркард ва чи кишоварзӣ интернет-мағоза дошта бошанд, он гоҳ механизм ранги дигар мегирад (расми 15.).




**Расми 15. Механизми ҳавасмандгардонӣ барои пешбурди маҳсулоти озуқаи ватанӣ тавассути интернет-мағоза***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ин равиш на танҳо таъмини назорати истеҳсоли маҳсулотро осонтар мекунад, балки рақобатро дар бозори чакана ё интернет-мағозаҳо эҷод мекунад. Дар айни замон бозори фурӯши чаканаи озуқаворӣ нисбатан инҳисорӣ шудааст ва манфиатҳои шабакаҳои бузурги савдо (савдогарони доимии бозор) на ҳамеша бо принсипҳои дастрасии иқтисодӣ ва воқеъии озуқаворӣ барои тамоми табақаҳои аҳолӣ мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар доираи кушишҳои Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дохилӣ ва кам кардани хароҷоти пулӣ барои воридоти озуқа як қатор мушкилотҳо мавҷуданд: якум, Ҳукумати мамлакат кушиш дорад, ки вобастагии худро аз даромади содироти ашёи хоми кишоварзӣ бо дарназардошти тағйирёбии нархи ҷаҳонии пахта, диверсификатсия кунад (яъне онро дар дохили кишвар кор кард намуда, маҳсулоти тайёр ва нимтайёрро содирот намояд); дуюм, тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳолии кишвар 21,5 фоиз афзуда, ба 11,58 миллион нафар мерасад, ки ин мушкилот афзоиши талаботро ба озуқа хеле зиёд мекунад; сеюм, Тоҷикистон бо оқибатҳои ҷиддии тағирёбии иқлим, аз ҷумла, гармшавии ҳаво ва обшавии пиряхҳо рӯбарӯ аст, ки ин мушкилот таъмини амнияти озуқавориро авлавият бахшида онро, рӯз то рӯз мубрамтар мегардонад. Вобаста ба мушкилоти ошкоргардида, тавассути таҳлили оморӣ, нишондиҳандаҳои асосии таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ ҳисоб ва ояндабинӣ карда шудааст.

Мисол, дар соли 2023 барои истеҳсоли 860489 тонна гандум 275,04 ҳазор гектар замин истифода гардида аст, ки аз ҳар як гектар кишт 31,3 сентинер гандум ба даст омада аст (ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11. – Ояндабинии нишондиҳандаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025-2030***

| Нишондиҳандаҳо | Давраҳои таҳлилшаванда | | | | | | | | Ояндабинӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳ** | **1991** | **1995** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2023** | **2025** | **2030** |
| Шумораи аҳолии ҶТ | 5,51 | 5,70 | 6,26 | 6,84 | 7,62 | 8,55 | 9,54 | 10,29 | 10,49 | 11,58 |
| Истеъмоли нон, ҳаз.тонна | 853,4 | 878,0 | 927,2 | 1059,9 | 1227,0 | 1282,7 | 1577,5 | 1602,7 | 1767,7 | 1932,6 |
| Истеҳсоли гандум, ҳаз.тон | 153,1 | 174,3 | 406,2 | 618,5 | 857,5 | 896,3 | 864,2 | 860,5 | 1017,7 | 1175,0 |
| Кишти гандум, ҳаз.га | 143,6 | 191,4 | 343,1 | 317,7 | 342,6 | 295,6 | 269,6 | 275,04 | 311,8 | 348,5 |
| Ҳосилнокии гандум, сент. | 10,7 | 9,1 | 11,8 | 19,5 | 25,0 | 30,3 | 32,0 | 31,3 | 32,6 | 33,7 |
| Воридотғунҷоиш, % | 82,1 | 80,1 | 56,2 | 41,6 | 30,1 | 30,1 | 45,2 | 46,3 | 42,4 | 39,2 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. – С. 36-37; Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – С. 17-21; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: 2016. – С. 98.

Чи тавре, ки аз ҷадвали 11 дидан мумкин аст, соли 2030 нисбати соли 2023 шумораи аҳолӣ зиёда аз 1 млн. меафзояд, истеъмоли маҳсулоти нонӣ бошад, зиёда аз 330 ҳаз.тоннаро ташкил медиҳад, масоҳати майдони кишти гандум зиёда аз 73,5 ҳаз. га. ва ҳосилнокии гандум бошад танҳо 1,2 сентнер зиёд мегардад, инчунин воридотғунҷоиш 39,2 %-ро ташкил медиҳад.

Дар кори диссертатсионӣ зернизомҳои зерин пешниҳод карда шудааст, ки тарҳрезии сохтории низоми амнияти озуқаворӣ ва мониторинги сатҳи таъмини ҳолӣ бо озуқаворӣ, баръакси равишҳое, ки дар дигар адабиёт оид ба ворид намудани ҷузъҳои алоҳида ба низоми амнияти озуқаворӣ мавҷуданд, инъикос мекунад (расми 16.).




**Расми 16. Низоми амнияти озуқаворӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд шудааст, ки дар шароити Тоҷикистон ягона роҳи паст кардани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқавории хориҷа, ба андешаи мо, ин зиёд кардани ҳосилнокии зироатҳо, маҳсулнокиии чорво ва усулои нави пешбурди фаъолияти кишоварзӣ мебошад. Зеро дар кишвар имконияти васеъ кардани масоҳати заминҳои кишт бо сабаби кӯҳсор будани аксари масоҳати кишвар хело маҳдуд аст.

**10. Самтҳои ояндадор оид ба такмил додани механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва**

**воридотивазкунанда асоснок карда шудаанд, ки аз асосноксозӣ ва ба низом даровардани воридот ва содирот, инчунин диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ иборат мебошад. Бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурият ва принсипҳои ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда ва айвонӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.**

Дар диссертатсия пешниҳод гардида аст, ки сиёсати воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба «саноатикунонӣ» нигаронида шудааст, бояд дар як вақт дар якчанд сатҳ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва ҳавасмандгардонии содирот бо механизмҳои муайян татбиқ карда шавад. Дар навбати худ, механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашударо ба чор категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: маҳдудкунии воридот, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, содирот ва дастгирии истеъмолкунандагони маҳсулоти ватанӣ (расми 17).




**Расми 17. Механизми дастгирии давлатии истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Ин воситаҳо имконият медиҳанд то комбинатсияҳои сершумор, ки аз ҷиҳати сиёсати саноатикунонӣ дараҷаҳои гуногуни самарабахш доранд эҷод карда шавад.

Дар рафти таҳқиқот исбот карда шудааст, ки дар шароити пурзӯр шудани равандҳои ҳамгирой, ҷаҳонишавӣ ва амиқтар шудани тақсими байналмилалии меҳнат стратегияи мувофиқтарин ин рушди рақобатпазири воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи истеҳсолоти афзалиятноки бахши кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ мебошад. Пас аз амалӣ кардани механизмҳои дастгириҳои маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда давраҳои табодули истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд, ки аз чор давраи рушд иборат аст (расми 18.).




**Расми 18. Давраҳои рушди воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, %***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Давраи “A” давраи истеҳсоли иннертсионие, ки дар талаботи истеъмолкунандагони бозори дохилӣ воридотғунҷоишаш 80% ташкил медиҳад. Оғоз аз давраи “B” то “D” давраи рушди истеҳсоли воридотивазкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки метавонад пас аз амалӣ кардани механизми дастгирии давлтӣ ба вуқуъ ояд. Дар ин давра маҳсулоти истеҳсоли худӣ оҳиста оҳиста мавқеи воридотро дар бозор танг карда, талаботи итеъмолкунандагонро пурра аз худ мекунад. Давраи рушди содирот аз “C” то “D” мебошад, ки пас аз пурра таъмин гаштани бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунанда зиёдатиаш ба бозорҳои хориҷи кишвар содирот мегардад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки татбиқи сиёсати воридотивазкунанда боиси таъсири мусоиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва савдои хориҷӣ дар кишвар мегардад. Татбиқи ин сиёсат бояд ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, баланд

бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва содироти маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ мусоидат намояд.

Самти асосии диверсификатсияи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи воридотивазкунанда мусоидат мекунад ин гузариш аз кишоварзии анъанавӣ ба кишоварзии барқароршаванда (регенеративӣ), айвонӣ (террасавӣ) ва гидропоникаи амудӣ мебошад. Зеро кишоварзии барқароршаванда метавонад низоми обёриро беҳтар карда, зироатҳоро барои тобовартар будан ба ҳодисаҳои обу ҳавои вобаста ба тағирёбии иқлим, ба монанди хушксолӣ, обшавии пиряххо ва обхезӣ мусоидат кунад.

Ошкор карда шудааст, ки кишоварзии барқароршаванда як низоми кишоварзие мебошад, ки солимии хок, босифатии озуқаворӣ ва гуногунии биологиро тавассути кам кардани истифодаи нуриҳои кимиёвӣ ва пестисидҳо, кам кардани коркарди замин, ҳамгироии чорво, гумус ва истифодаи зироатҳои пӯшида беҳтар мекунад. Кишоварзии барқароршаванда принсипҳои зеринро риоя мекунад (расми 19.).




**Расми 19. Принсипҳои асосии низоми кишоварзии барқароршаванда***
***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Риояи принсипҳои асосии низоми кишоварзии барқароршаванда барои мутобиқ шудани зироатҳо ба тағирёбии иқлим мусоидат мекунад. Дар шароити

хавфи хушксолӣ бо роҳи баланд бардоштани самаранокии истифодаи об, тавассути беҳтар нигоҳ доштани солимии хок ва мустаҳкам кардани соҳилҳо бо истифода аз ҳамгироии ҷангалпарварӣ бо растанипарварӣ имконият фароҳам меорад. Зеро тағирёбии иқлим ба монанди хушксолӣ ва обхезӣ таҳдиди мустақим ба таъмини амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистона мебошад, ки дорои заминҳои ками кишоварзӣ аст.

Исбот карда шудааст, ки кишоварзии барқароршаванда ба амнияти озуқаворӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад, зеро ҳадафи он беҳтар намудани солимии хок, гуногунии биологӣ ва устувории экосистема мебошад. Бо татбиқи таҷрибаҳои барқароршаванда, аз қабили зироатҳои пӯшида, гардиши зироат ва осеби ҳадди ақали хок, деҳқонон метавонанд сохтори хок, мавҷудияти маводи ғизоӣ ва нигоҳдории обро беҳтар созанд. Ин боиси зиёд шудани ҳосили зироатҳо ва кам шудани воридоти он, зиёд шудани муқовимат ба ҳашароти зараррасон ва бемориҳо ва кам шудани вобастагӣ ба нуриҳои синтетикӣ ва пеститсидҳо мегардад. Илова бар ин, кишоварзии барқароршаванда ба ҳифзи захираҳои табиӣ, аз қабили об ва гуногунии биологӣ, ки барои устувории амнияти озуқаворӣ муҳиманд, кӯмак мекунад. Бо пешбурди экосистемаҳои солим ва устувор, кишоварзии барқароршаванда ба таъмини устувор ва фаровони ғизо барои наслҳои ҳозира ва оянда мусоидат мекунад (Ҷадвали 12.).

**Ҷадвали 12. – Тафовути кишоварзии барқароршаванда аз кишоварзии анъанавӣ***

| Кишоварзии барқароршаванда | № | Кишоварзии анъанавӣ |
|---|---|---|
| Хоки солим ҳамчун -ғункунандаи карбон | 1. | Хоки камобшуда ҳамчун манбаи карбон |
| Руйпши бештари замин | 2. | Руйпши камтари замин |
| Решаҳои бештар | 3. | Решаҳои камтар |
| Дар хок бештар карбон захира карда мешавад | 4. | Дар хок камтар карбон захира карда мешавад |
| Нигоҳ доштани намнокӣ дар қабати болоии замин | 5. | Нигоҳдории пасти намнокӣ дар қабати болоии замин |
| Барқарорсозии сатҳи обҳои зеризаминӣ | 6. | Камшавии обҳои зеризаминӣ |
| Эрозия камтар | 7. | Эрозияи бештар |
| Бештар шудани ҳосилнокии зироатҳо | 8. | Камтар шудани ҳосилнокии зироатҳо |
| Гуногунии бештари зироатҳо | 9. | Гуногунии камтари зироатҳо |
| Дар атмосфера камтар карбон | 10. | Дар атмосфера бештар карбон |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Regenerative Agriculture – Guide to Sustainability in Farming // [Манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: https://www.tracextech.com/regenerative-agriculture-guide-to-sustainability-in-farming

Пешниҳод карда шудааст, ки кишоварзии барқароршаванда бо истифода аз иқтидори табиат ва кор бо равандҳои табиӣ, на танҳо ҳосилнокии дарозмуддати заминҳои кишоварзиро таъмин мекунад, балки ба таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда, коҳиш додани таъсири тағирёбии иқлим ва нигоҳ доштани солимии замин барои наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Дар рафти омӯзиш ва баррасии диверсификатсияи истеҳсоли кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, ки роҳи дигари таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда ин ҷорӣ кардани кишоварзии айвонӣ (террасавӣ) аст, ки хоси минтақаҳои кӯҳсор мебошад. Мақсади асосии пешниҳод кардани кишоварзии айвонӣ ин самаранок истифодабарии заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ буда, яке аз самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки 93 фоизи қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ишғол мекунанд, агар кишоварзии айвонӣ дар чунин минтақаҳо ҷорӣ карда шавад, мамлакат на ин ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии воридотивазкунада ноил мешавад, балки яке аз кишварҳои содироткунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мегардад.

Инчунин дар заминаи диверсификатсияи истеҳсоли кишоварзӣ пешниҳод гардида аст, ки роҳи дигари таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ин ҷори кардани гидропоникаи амудӣ мебошад, ки дар шароити камзаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело ҳам қулай аст. Гидропоникаи амудӣ ин технологияи парвариш дар гармхонаҳои бисёрошёнаи автоматӣ, ки дар он ниҳолҳо дар қабатҳои гуногун ҷойгир карда мешаванд ва маводи ғизоиро тавасути реша бевосита аз маҳлул, яъне бе иштироки хок мегирад.

Қайд гардида аст, ки мақсад аз пешниҳоди роҳҳои ноил шудан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии воридотивазкунанда он нест, ки ба ҷои кишоварзии анъанавӣ ҷорӣ карда шавад, балки асос бозори маҳсулоти озуқавориро ғанӣ гардонидан ва кам кардани воридотғунҷоиши сабади истеъмолии аҳолии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот исбот карда шудааст, ки татбиқи роҳу усулҳои баланд бардоштани сифат ва бехатарии ғизо инчунин танзими бозори маҳсулоти

кишоварзӣ, бо ҳисоби ҳавасмандгардонии пешбурди маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити дастгирии давлатии содирот ва мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворие воридотивазкунанда, таъмини захиравӣ, инчунин баланд бардоштани даромади аҳолӣ метавонад ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад ва сатҳи амнияти озуқавориро боло барад.

## ХУЛОСА

### А) натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ҷанбаҳои назариявии мафҳуми амнияти озуқаворӣ ҷамъбаст гардида, моҳият, вижагиҳо ва ҷузъҳои таркибии ин мафҳум мушаххас гардида, таърифи муаллифии мафҳуми амнияти озуқаворӣ пешниҳод карда шуда, нишондиҳандаҳои сифатии мутобиқати маҳсулоти озуқаворӣ дар робита ба талаботи пардохтпазирии аҳолӣ, модели амнияти озуқавории пешниҳод карда шудааст, ки ба қабули доктринаи озуқавории миллӣ мусоидат мекунад [3-М,12-М].

2. Консепсия амнияти озуқаворӣ ҳамчун як категорияи махсус, ки суботи иқтисодиёти миллиро ҳамчун низоми намуди кушода инъикос мекунад, ки қобилияти нигоҳ доштани яклухтии он тавассути вокунишҳои ҳамоҳангшуда ба таҳдидҳои муҳити дохилӣ ва беруна ва нигоҳ доштани тавозуни динамикӣ дар зернизомҳое, ки аз ҷиҳати сохторӣ-функсионалӣ бо бахши озуқаворӣ ба истиқлолияти озуқаворӣ ва инчунин ба дастрасии иқтисодӣ ва иҷтимоии озуқаворӣ асос ёфтааст алоқаманд аст [2-М,28-М].

3. Таҳлили консепсияҳои илмӣ оид ба мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад, ки мушкилоти амнияти озуқаворӣ мураккаб ва бисёрҷанба буда, он бояд дар сатҳҳои гуногуни зернизомҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ ва ҳал карда шавад, ки ҳар яки онҳо ҳадаф, объектҳо, принсипҳо, предметҳо, манфиатҳо ва омилҳо, вазифаҳои мушаххас ва воситаҳои ҳалли худро доранд. Ҳамин тариқ, тақвияти истиқлолияти иқтисодии кишвар, такмили механизми бо озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ таъмин намудани аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ самти стратегии сиёсати давлатӣ ва минтақавии иқтисодӣ мебошад [6-М, 28-М].

4. Асоснок карда шудааст, ки унсури муҳими амнияти озуқаворӣ дар баробари сатҳи қонеъ гардонидани талаботи физиологии аҳолӣ ба ғизо, сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои истеъмолии дар раванди истеҳсолот мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда ба стандартҳо ва таъмини онҳо ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯш мебошад. Ҷиҳатҳои ташкилию иқтисодии таъмини сифати маҳсулоти озуқаворӣ алоҳида ва нақши он дар ҳалли мушкилоти таъмини озуқаворӣ муайян карда шудааст [4-М, 10-М].

5. Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда зарурати ташаккули захираҳои стратегӣ (буферӣ) асоснок карда шуда, пешниҳод карда шудааст, ки бояд бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ ҳаҷми заруранаи маҳсулоти озуқаворӣ дар заминаи ташаккули инфрасохтори муосир нигаҳдорӣ карда шавад. Дар баробари ин бо мақсади ташаккули захираҳои стратегӣ раванди мазкур бояд бо захираҳои зарурии молиявӣ, унсурҳои инфрасохторӣ ва механизми муосири идоракунии таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ фаро гирифта шавад [3-М,13-М].

6. Равишҳои методии баҳодиҳии вазъи амнияти озуқаворecho озуқаворӣ таҳия гардида, мумкин аст, ба низоми мавҷудаи нишондиҳандаҳо оид ба арзёбии сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ нишондиҳандаи қобилияти харидории аҳолиро ба таври илова дохил карда шавад. Чунки маҳз ҳаминҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолиро дақиқтар муайян карда шавад [9-М, 16-М].

7. Дар ҷараёни таҳқиқот имкониятҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ, аз ҷумла: арзиши нерӯи ғизои ҳаррӯзаи одам; истеъмоли кофии маҳсулоти алоҳида; таъмин бо захираҳои озуқаворӣ; дастрасии иқтисодии маҳсулот; нишондиҳандаи тафриқаи арзиши ғизо; аз рӯйи иқтидори бозори дохилии маҳсулоти муайян; нишондиҳандаи мустақилияти озуқаворӣ аз рӯи маҳсулоти алоҳида арзёбӣ карда шудааст [8-М].

8. Барои таҳияи низоми арзёбии мониторинги бехатарии озуқаворӣ таҳия ва интихоби дурусти афзалиятҳо ва мониторинги татбиқи амнияти озуқаворӣ аҳамияти калон дорад, ки барои муайян кардани сатҳи амнияти озуқаворecho

давлат на ҳама нишондиҳандаҳо истифода мешаванд, чунки баъзе аз онҳо мувофиқ нестанд ё имкони истифода бурдан надоранд. Барои ташхиси пурраи вазъи амнияти озуқаворӣ муносибати ҳамаҷониба лозим аст, ки таҳлили нишондиҳандаҳоро ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар минтақаҳои алоҳидаи он дар бар мегирад [7-М, 8-М].

9. Дар асоси умумисозии низомҳои нишондиҳандаҳои арзёбии амнияти озуқаворӣ дар таҷрибаи хориҷӣ хулоса карда мешавад, ки сарфи назар аз тафовути равишҳои гуногуни арзёбии амнияти озуқаворӣ, хусусияти муайян кардани дастгирии давлатии амнияти озуқаворӣ суботи иҷтимоиро дар ҷомеа ва кишвар кафолат дода мешавад. Ҳисобкунии шохиси амнияти озуқаворӣи пешниҳод гардида, ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: мавҷудияти иқтисодӣ, бехатарии ҷисмонӣ, кофӣ будани истеъмол тибқи нишондиҳандаҳои муайяншудаи амнияти озуқаворӣ, вазни ҳар як гурӯҳи маҳсулот бо назардошти ҳаҷми калория, истеъмоли сафеда ва микроэлементҳо[3-М, 27-М,].

10. Таҳқиқот собит кард, ки дар заминаи асосҳои назариявию методологӣ таъмини амнияти озуқаворӣ таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва табиӣ мавриди танзими давлатӣ қарор доранд. Ҳамзамон хулоса кардан мумкин аст, ки афзалияти танзими давлатии амнияти озуқаворӣ бояд дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ ифода ёбад [3-М, 25-М].

11. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ, меъёрҳои институтсионалӣ ва нишондиҳандаҳои пешниҳодгардидаи таъмини амнияти озуқаворӣ чунин хулоса карда мешавад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи ҷаҳонӣ хос мебошанд. Зеро, низоми амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷойгиршавии географӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ ва иқлимӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад [19-М].

12. Такмили механизми танзими давлатии амнияти миллии озуқаворӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои таъсири ташкилию иқтисодии саноати хӯрокворӣ ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои он имконият медиҳад, ки чунин хулоса намуд: фишанги муҳими таъсири давлат ба амнияти озуқаворӣ, ин пеш аз ҳама,

ҷорӣ намудани назорати дуруст ба сифати маҳсулоти озуқаворӣ дар бозори озуқаи ҷумҳурии ва таъмини дастрасии тамоми қишрҳои аҳолӣ ба микдори зарурии маҳсулоти озуқаворechoии босифат мебошад [14-М, 15-М, 22-М].

13. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳлили татбиқи вазифаҳои стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ, ки хусусияти низомӣ дорад, самтҳои стратегӣ муайян карда шуданд, ки метавонанд фарогирӣ чунин масъалаҳо бошанд: истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва коркарди он дар корхонаҳои саноати хурокворӣ, ки талаботи аҳолиро ба ҳама маҳсулоти асосии озуқаворӣ мувофиқи меъёрҳои тавсияшудаи истеъмол қонеъ мегардонад; таъмини ташаккули захираҳои буферӣ, дахолати давлат ба нархи маҳсулоти кишоварзӣ; баланд бардоштани дараҷаи иқтисодии озуқаворӣ; ташаккули сиёсати оптималии нархӣ; мусоидат ба рушди инфрасохтори бозори кишоварзӣ; танзими давлатии бозори кишоварзӣ; сертификатсияи маҳсулот мутобиқи талаботи байналмилалӣ; татбиқи сиёсати самараноки сармоягузорӣ ва таҳкими ҷолибияти сармоягузории заминаҳо ва тадбирҳои таъмини амнияти озуқаворӣ [3-М, 19-М].

**Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Вазифаҳои асосии системаи мониторинги амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки аҳамияти муҳими амалӣ дорад. Дар ин замина тавсия мешавад, ки арзёбии ҳолати кунунии амнияти озуқаворӣ ва муайян кардани тамоюлҳои хоси он, амалисозии мониторинг ва назорати фаврӣ ҳангоми таҳдид ба ҳолати амнияти озуқаворӣ, арзёбии хатарҳои мавҷуда ва пешбинишаванда барои таъмини амнияти озуқаворӣ, пешгӯии вазъи амнияти озуқаворӣ дар доираи шартҳои сенариявӣ ва пешгӯиҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар истифода карда шаванд [5-М, 9-М].

2. Таҳлили усулҳои гуногуни байналмилалии амнияти озуқаворӣ худро собит кард, ки онҳо тавассути ҳисоби нишондиҳандаҳои муайян арзёбии интегралии вазъи амнияти озуқаворӣ ба даст овардаанд. Аз таъминоти инфиродии амнияти озуқаворӣ ба таъминоти умумӣ, барои таъмини амнияти

озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи баъзе аз он нишондиҳандаҳо ва арзёбии интегралӣ тавсия карда мешавад [3-М].

3. Барои баҳодиҳии миқдории бо озуқаворӣ таъмин будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ду гурӯҳи нишондиҳандаҳо пешниҳод карда мешаванд: сатҳи худтаъминкунии кишвар бо озуқаворӣ (истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ), аз ҷумла, аз рӯи маҳсулоти асосии озуқаворӣ; дараҷа ва динамикаи истеъмоли озуқаворӣ. Равиши методӣ дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаи интегралии амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ нишон дод, ки сатҳи он ба маъёрҳои пешниҳодшаванда мувофиқат намекунад. Натиҷаи пешниҳоди мазкур, метавонад имкониятҳои иқтидори истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро таъмин намояд [4-М, 10-М].

4. Муқаррар карда шудааст, ки баҳодиҳии иқтидори истеҳсолӣ бо усули захиравӣ бо ёрии воситаҳои моделсозии тавсифии иқтисодӣ-риёзӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ин сабаб, тавсия мегардад, ки барои таъмини амнияти озуқавории кишвар, тибқи меъёрҳои хоси ватанӣ нишондиҳандаҳои истеҳсолоти кишоварзии минтақавӣ истифода шавад. Дар натиҷа параметрҳои миқдории он барои ҳисоб кардани зариби худтаъминкунӣ, фарогирии озуқаворӣ, амнияти вазъи воридот, ғизонокӣ, кифоя будани истеъмол, даромаднокӣ ва ғайра арзёбӣ карда мешавад [1-М, 6-М].

5. Таҳлили стратегияҳои амнияти озуқаворӣ нишон дод, ки кишвар ҳар қадар аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта бошад, дар он тамоюли ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамон қадар рушд меёбад. Муқаррар карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир вобастагии бозори дохила аз маҳсулоти воридотӣ тамоюлҳои қаноаткунанда надорад. Барои ҳалли масъалаи мазкур тався мегардад, ки ба амал баровардани принсипҳои муносибати системавии инкишофи механизми таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси дастгирии худтаъминкунии мамлакат бо озуқаворӣ ва амнияти аҳолӣ бо ёрии воситаҳои гуногуни иқтисодию молиявӣ ҳамоҳанг карда шавад [13-М].

6. Дар асоси омӯзиши масъалаи ҷанбаҳои амнияти озуқаворӣ ба монанди: манфиатҳои глобалӣ, манфиатҳои миллӣ, давлатӣ, ҷамъиятӣ ва минтақавӣ, устувории иқтисодиёти миллӣ ва рушди иқтисодии низоми ичтимоию иқтисодии кишвар ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ, геополитикӣ ва геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои муосири танзими давлатӣ ва дастгирии рушди соҳаи кишоварзии ватанӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба таҳкими низоми амнияти озуқавории кишвар дар шароити буҳронӣ дониста мешавад [30-М].

7. Дарояндаи наздик бо мақсади таъмини устувори амнияти озуқаворӣ ва коҳиш додани нобаробарии иқтисодӣ миёни аҳолии сарватманд ва камбизоат дар доираи барномаи кӯмаки суроғавии озуқаворӣ ба таъмини дастрасии ҳамагон ба маводи ғизоии аввалиндараҷа ва босифат мусоидат намудан зарур аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаи таҳдидҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ ва пешкаш кардани роҳҳои рафъи онҳо дар асоси ҳадафҳои дар СМР-2030 оварда шуда зарур аст [15-М, 31-М].

8. Пас аз таҳлил ва омӯзиши масъалаи таъмини амнияти озуқавории кишвар дар шароити либерализатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷии давлат ва шомилшавии Тоҷикистон як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ муносибати маҷмӯӣ омилҳоеро, ки таъсири бевосита ё бавосита ба низоми амнияти озуқавории кишвар дорад ошкор карда шудааст. Омилҳои ба сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ таъсир расонанда вобаста ба шароити иқлимӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ таснифот карда шудааст танзими онҳо хавфи ноамнии озуқавориро дар мамлакат коҳиш медиҳад [18-М].

9. Асосҳои консептуалии таҳияи Доктринаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардашуда, пешниҳод мешавад, ки дар шароити муосир бояд ба масъалаҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, бояд раванди гузариш аз

иқтисодиёти кишоварзӣ-саноатӣ ба иқтисодиёти саноатӣ-кишоварзӣ бо механизмҳои муосири ташкилию идоракунӣ таъмин карда шавад [3-М].

10. Роҳҳои асосӣ ва перспективии таъмини амнияти озуқаворӣ ошкор карда шудаанд, ки фарогири тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ бошанд. Дар баробари ин тавсия дода мешавад, ки бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ бояд рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда шуда, ба ҳалли масъалаҳои таъминоти молиявӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ташаккули захираҳои стратегӣ (буферӣ), ҷорисозии усулҳои нави коркард ва истифодаи замин ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти озуқаворӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад [11-М, 17-М].

11. Дар асоси таҳлил ва арзёбии омори расмии давлатӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидории бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои истеҳсол ва истеъмоли маҳусоли озуқаворӣ анҷом дода шудааст. Дар ин заминаи пешниҳод шудааст, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва тақвияти механизми дастрасии он бояд чорабиниҳои маркетингӣ самаранок истифода карда шуда, низомҳои устувори агроозуқаворӣ ташаккул дода шавад. Бо мақсади мониторинги ҳолати амнияти озуқаворӣ низоми индикаторҳо коркард шуда, самтҳои асосии тақвияти заминаҳои инфрасохторӣ, истеҳсолӣ ва таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст[5-М, 16-М].

12. Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда самтҳои афзалиятноки такмили механизм ва тадбирҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда асоснок таҳия карда шуда, барои танзими низоми воридоту содирот ва таъмини гуногунсамтии истеҳсолоти кишоварзӣ тавсияҳои илман асоснок коркард карда шудаанд. Пешниҳод мешавад, ки бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ бояд усулҳои нави ташкили истеҳсолот истифода карда шавад, ки яке аз онҳо ин кишоварзии барқароршаванда ва заминистифодабарии айвонӣ (терассавӣ) ба ҳисоб меравад [13-М].

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Монография ва брошюраҳо:**

[1-М]. Алиев О.М. Проблемы регионального продовольственного обеспечения Республики Таджикистан [Текст]: монография / Д.У.Ураков, О.М. Алиев. - Душанбе: «Ирфон», 2011. – 120 с. ISBN: 978-99947-0513-9

[2-М]. Алиев О.М. Проблемы продовольственного самообеспечения региона как основа устойчивого развития [Текст]: монография / О.М. Алиев. - Душанбе: «Ирфон», 2018. – 177 с. ISBN: 978-99975-0862-1

[3-М]. Алиев О.М. Назария ва методологияи арзёбии сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / О.М. Алиев. – Душанбе. – 2024. – 176 с. ISBN: 978-99985-8682-6

**Б) Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[4-М]. Алиев О.М. Проблемы обеспечение населения продовольствием в Республике Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - №3 (67). - С. 82-88. ISSN 2074-1847

[5-М]. Алиев О.М. Тенденция производства и потребления продовольствия в регионах Республики Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев, Дж.Д. Уракова // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№4 (68) С. 60-66. ISSN 2074-1847

[6-М]. Алиев О.М. Региональные проблемы продовольственного обеспечение страны [Текст]: / Д.У.Ураков, О.М. Алиев. // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№7 (71) С. 70-74. ISSN 2074-1847

[7-М]. Алиев О.М. Продовольственное обеспечение в регионах Республики Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев. // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№8 (75) С. 53-57. ISSN 2074-1847

[8-М]. Алиев О.М. Организационно-экономические основы обеспечения региона продовольствием [Текст]: / О.М. Алиев, Б.Д. Тагоев // Кишоварз

(Земледелец) Таджикский аграрный университет. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№8 (75) С. 49-51. ISSN: 2074-5435

[9-М]. Алиев О.М. Демография и проблемы продовольственной безопасность Республики Таджикистан [Текст]: / М. А. Одинаев, О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: “Сино”, – 2012. – № 2/8-1(100). – С. 203-206. ISSN 2413-5151

[10-М]. Алиев О.М. Рост доход населения как средство достижение продовольственного самообеспечение региона [Текст]: / О. М. Алиев, Б.Д.Тагоев // Журнал «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2017 - №1(56) С. 70-78. ISSN 2075-9584

[11-М]. Алиев О. М. Эффективное использование водных ресурсов как средство достижения продовольственной безопасности Республики Таджикистан [Текст]: / О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, – 2018. – № 9. – С. 217-221. ISSN 2413-5151

[12-М]. Алиев, О. М. Таҳаввулоти консепсияҳои асосии бехатарии озуқаворӣ [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2020. – № 3(23). – С. 91-98. ISSN: 2663-0389

[13-М]. Алиев О. М. Истеҳсолоти воридотивазкунанда ва нақши он низоми таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № S4.2(29). – С. 86-95. ISSN: 2663-0389

[14-М]. Алиев О. М. Продовольственная безопасность в системе национальной безопасности: основные принципы и предпосылки [Текст]: / О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. – № 6. – С. 146-152. ISSN: 2413-5151

[15-М]. Алиев, О. М. Баланд бардоштани сифати маҳсулоти ғизои Ҷанбаи асосии амнияти озуқаворӣ [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 155-163. ISSN: 2663-0389

[16-М]. Алиев О. М. Сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ: мафҳум, моҳият ва арзёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 2. – С. 177-185. ISSN: 2413-5151

[17-М]. Алиев, О. М. Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият, ҳолати муосир ва тамоюл [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 91-100. ISSN: 2413-5151

[18-М]. Алиев, О. М. Арзёбии таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук.- Бохтар, 2023. – № 1-4(116). – С. 157-162. ISSN: 2663-5534

[19-М]. Алиев, О. М. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев, Д. Б. Қодирзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 4-2(39). – С. 472-481. ISSN: 2663-0389.

[20-М]. Алиев О. М. Худтаъминкунии озуқаворӣ ва танзими воридот бо мақсади расидан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – №. 2. – С. 179-186. ISSN: 2310-3957

**В. )Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

[21-М]. Aliev O.M. Assessment of the readiness of industrial production for digitalization in the Russian Federation [Text]: / K. A. Artamonova, O. Yu. Gavel, O.M. Aliev [et al.] // JOP Conference Series: Metrological Support of Innovative Technologies, Krasnoyarsk, 04 марта 2020 года / Krasnoyarsk Science and Technology City Hall of the Russian Union of Scientific and Engineering Associations. Vol. 1515. – Krasnoyarsk, Russia: Institute of Physics and IOP Publishing Limited, 2020. – P. 32004. – DOI 10.1088/1742-6596/1515/3/032004.

[22-М]. Алиев О.М. Баъзе аз масоилҳои худтаъминкунии озуқавори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев // Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040): Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессороно, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ, Душанбе, 13 октябри соли 2020. – Душанбе: ДДМИТ 2020. – С. 98-102.

[23-М]. Алиев О.М. Нақши андозҳо дар таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Амалисозии рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ: Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ, Душанбе, 13 октябри соли 2020. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2020. – С. 80-87.

[24-М]. Алиев О. М. Ҷанбаҳои илмӣ-назариявии бехатарии озуқаворӣ: фарзияҳо ва давраҳои ташаккул [Матн]: / О. М. Алиев, Б.Д. Тағоев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 95-103.

[25-М]. Алиев О.М. Пищевая промышленность Республики Таджикистан и его роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные направления развития [Текст]: / О.М. Алиев, Г.А. Курбонов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2021. – С. 94-97.

[26-М]. Алиев О. М. Методы и методология определения уровня продовольственной безопасности в Республике Таджикистан [Текст]: / О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 50-57.

[27-М]. Алиев О. М. Таъмини бехатарии озуқаворӣ: таҷрибаи иттиҳоди Аврупо / О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 62-73.

[28-М]. Алиев О.М. Таҳлил ва баррасии ҳолат ва дурнамои мустақиқилияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ: Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 05 октябри соли 2021. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2021. – С. 209-213.

[29-М]. Алиев О.М. Мушкилоти ҳавасмандгардонии андозӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир: Маводи конференсияи ҷумҳурияии илмию амалӣ, Душанбе, 25 ноябри соли 2022. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2022. – С. 110-114.

[30-М]. Алиев, О. М. Национальный, региональный и международные аспекты обеспечения продовольственной безопасности [Текст]: / О. М. Алиев, Д. Б. Кодирзода // Endless Light in Science. – Алмаата, 2022. – № 8-8. – С. 101-108.

[31-М]. Алиев О. М. Ташаккули низоми кӯмаки суроғавии озуқаворӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2023. – № 1. – С. 78-84.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**УДК: 338.439. (575.3)**

**ББК: 65.9 (2Т) 325.2**

**А-50**

***На правах рукописи***



**АЛИЗОДА ОЛИМЖОН МАХМУД**

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН:ТЕОРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ И ПРАКТИКА

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т**

**диссертации на соискание ученой степени**

**доктора экономических наук**

**по специальности 08.00.06.01 – Экономическая безопасность**

**Душанбе-2025**

Работа выполнена на кафедре национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета.

| | |
|---|---|
| **Научный консультант:** | **Кодирзода Диловар Бахридин**<br>доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры экономической теории Таджикского национального университета |
| **Официальные оппоненты:** | **Пирзода Джалил Сафар**<br>доктор экономических наук, академик, директор Института экономики и системного исследования развития сельского хозяйства Академии сельскохозяйственных наук, Таджикистана |
| | **Рахматзода Рустам**<br>доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры профессор кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета |
| | **Furthermore**<br> |
| **Оппонирующая организация:** | Российско-Таджикский (славянский) университет |

Защита диссертации состоится «17» июня 2025 года, в 13:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-017 при Институте экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана по адресу: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 44. E-mail: bobozoda.komil@mail.ru Тел: 934 48 88 84

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на официальном сайте Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана: http//www.ied.tj

Автореферат разослан «___» _____________ 2025 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
доктор экономических наук — Бобозода К.О.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Переход к рыночной системе хозяйствования и реформирование аграрного сектора на основе требований рыночного закона требуют особого внимания к формированию системы продовольственной безопасности. Следует отметить, что решение вопросов продовольственного обеспечения рассматривается как гарантия существования и развития каждого государства. Выполненные исследования доказывают, что проблема обеспечения продовольственной безопасности сложна и многогранна и касается всех сфер общественной жизни. Обеспечение продовольствием напрямую связано с существующей политической и экономической системой, а также особенностями хозяйственной системы и национальными традициями.

Влияние мирового кризиса и серьезная зависимость нашего национального рынка от импорта продовольствия вызвали глубокую обеспокоенность, поскольку новая эра глобального кризиса, вызванная распространением COVID-19, привел к недостатку продовольствия во внутреннем рынке, которая свидетельствует о кризисной ситуации в стране. Изучая практики зарубежных стран можно отметить, что вопросы нехватки продовольственных товаров, вне зависимости от прогресса науки и технологии, национальной экономики, уровня промышленного развития государства и увеличения продовольственных запасов являются все еще актуальными для каждого государства.

С учетом текущих обстоятельств, основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своём послании отметил, что: «…сегодняшняя непростая ситуация, в частности жёсткий продовольственный кризис во многих странах мира, требует нас принять дополнительные меры, для того чтобы обеспечить очень важную стратегическую цель – обеспечение защиты продовольственной безопасности. В последнее время мы наблюдаем, что вне зависимости от негативных воздействий внешних факторов, засушливостью земель и меры по ограничению импорта продовольствия из стран мира, несомненно благодаря неустанному труду фермеров страны была

обеспечена продовольственная безопасность и обилие внутреннего рынка сельскохозяйственной продукцией»[3].

На современном этапе развития, когда образовывается новый кризис, препятствия для поставок продовольствия, которые относятся к выпуску продовольственных товаров и снижение уровня национальной экономики некоторых государств, привели к влиянию новых угроз для обеспечения продовольственной безопасности. В этой связи Республика Таджикистан сталкивается с проблемой самообеспечения минимальным объемом продовольствия по отдельным категориям продуктов питания и логистическими проблемами, т.е. экспортирует очень небольшое количество сельскохозяйственной продукции. Существует несколько путей решения проблемы продовольственного обеспечения: устойчивое развитие сельского хозяйства, увеличение производства продукции агропродовольственной сферы и обеспечение запасов, повышение качества и конкурентоспособности. В сложившейся ситуации отечественный аграрный сектор считается нестабильным, а уровень обеспечения населения продуктами первой необходимости очень сильно зависит от импорта. Ясно, что обеспечение продовольствием является сложной и многогранной проблемой, с учетом международных и национальных особенностей, которые особенно остро ощущаются в Республике Таджикистан на фоне неблагоприятных природно-климатических условий (таких как истощение водных ресурсов, ухудшение экологической ситуации, изменение климата).

В условиях глобализации экономических процессов основным стратегическим аспектом устойчивого обеспечение продовольственной безопасности является ключевым фактором социально-экономического развития и поддержания конкурентоспособности национальной экономики государства как на внутреннем, так и на международном уровнях. Значительное развитие аграрного сектора и рост производства сельскохозяйственной продукции, а также самообеспеченность продовольствием могут способствовать улучшению продовольственной безопасности Республики Таджикистан. Тем не менее,

---

[3] Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики»: https: //www. president.tj /event/missives/27246

несмотря на эти факторы, нынешняя ситуация с продовольственной безопасностью в стране остается на низком уровне, что подчеркивает актуальность и важность проведения данного исследования.

**Степень разработанности научной темы.** Вопросы обеспечения продовольственной безопасности рассматривались многими отечественными и зарубежными учеными. Теоретические и методологические аспекты, которые направлены на решения проблемы борьбы с голодом и возможности обеспечения продовольственной безопасности были изложены в трудах Барраклоу С., Валдес А., Вебер М.Т., Даниел Максвелл, Зиппер С., Кондорсет М., Крач У., Максвелл С., Малтус Т.Р., Ротлингер С., Садлер М.Т., Саррис А.Х., Сахн Д.Э., Сиамвалла А., Смит М., Статс Дж., Трейси Майкл, Фалкон В.П., Джейн Т.С., Джонссон У. и другими.

Весомую роль в формировании теоретических основ и практических рекомендации в области продовольственной безопасности служат публикации международных организаций, таких как: Организация объединенных наций (далее - ООН), Продовольственная и сельскохозяйственная организация (ФАО) ООН, Всемирный банк, Организация экономического сотрудничества и развития, ВТО и т.д.

Среди российских ученых в комплексном исследовании проблем обеспечения продовольственной безопасности существенный вклад внесли Алтухов А.И., Афанасьев С.Г., Балдов Д.В., Буздалов И.Н., Вартанова М.Л., Грешоноков А.М., Гумеров Р.Р., Жабина С.Н., Кайгородцев А.А., Крылатых Э.Н., Ломакин П.Н., Лысоченко А.А., Малхасян А.В., Маргулис Е.И., Потапов А.П., Романцов Е.В., Сафин У.З., Серова Е.В., Силаева Л. П., Суслов С.А., Тихомирова В.А., Ушачев И.Г. и другие.

Вклад, роль и значение обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан можно рассмотреть в работах отечественных ученых, таких как: Азизов Ш.С., Ашуров И.С., Асроров З.У., Furthermore Бободжониён Д.Д., Гулов И.М., Қиёмидинов Х., Қодирзода Д.Б., Қудратов Р.Р., Мирсаидов А.Б., Одинаев Ҳ.А., Олимов И.А., Пирзода Ҷ.С., Рахматзода Р., Раҳимов О. А., Тағоев Б.Д., Тағоев Ҷ.Ҳ., Умаров Х.У. и других.

Однако, несмотря на множество выполненных исследовательских работ, такие вопросы как методологические аспекты оценки уровня продовольственной безопасности, запасы обеспечения продовольственной безопасности, изучение обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан в условиях перехода к индустриально-аграрной модели экономики, которые, несомненно, составляют концептуальную основу диссертации, не были изучены на необходимом уровне.

**Связь исследования с программами (проектами) и научной тематикой.** Диссертационное исследование связано с планом научно-исследовательской работы факультета экономики и управления Таджикского национального университета по теме «Обеспечение продовольственной безопасности Республики Таджикистан» и кафедры национальной экономики и экономической безопасности, где работа была выполнена. Диссертационное исследование соответствует требованиями: Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, «Программа продовольственной безопасности Республики Таджикистан на 2020-2024 годы», «Программе развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства на период до 2030 года», «Программа содействия экспорту и импортозамещению в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы», «Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы» и Постановления Правительства Республики Таджикистан «Об основных направлениях научных и научно-технических исследований в Республике Таджикистан в период 2021-2025 годы» в контексте вопросов продовольственной безопасности и доступа к качественной продукции, а также с ускоренной индустриализацией.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Цель диссертации заключается в теоретико-методологическом обосновании и разработке практических рекомендаций по обеспечению продовольственной безопасности в современных условиях Республики Таджикистан.

**Задачи исследования.** Поставленная цель исследования обусловила необходимость решить следующие задачи:

- раскрыть концептуальные основы исследования продовольственной безопасности в условиях рынка и дать ее авторскую трактовку, как экономической категории;

- разработать и апробировать методологию оценки обеспечения продовольственной безопасности на национальном и региональном уровнях, а также провести систематизацию методических принципов и показателей определения уровня продовольственной безопасности;

- обосновать методические основы оценки уровня обеспечения запасов продовольственной безопасности в Республике Таджикистан;

- проанализировать состояние продовольственной безопасности в Республике Таджикистан с учетом реализации национальных приоритетов по достижению продовольственной безопасности и обеспечения населения качественными продуктами питания;

- оценить факторы, которые оказывают влияние на состояние и динамику обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан с учетом современных вызовов и угроз.

- использовать методологию расширения доступности сельскохозяйственной продукции с учетом различных составляющих;

- разработать концептуальную базу обеспечения продовольственной безопасности, исходя из её периодизации, а также обосновать необходимость разработки «Доктрины продовольственной безопасности Республики Таджикистан».

- выявить основополагающие векторы обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан и обосновать ее перспективы;

- определить прогнозные параметры производства и потребления продуктов питания на основе базового сценария реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года;

- обосновать перспективные направления совершенствования механизма государственной поддержки производства экспортоориентированного и импортозамещающего агропродовольственного продукта.

**Объект исследования.** Объектом исследования являются хозяйствующие субъекты и население, которые участвуют в процессе обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан.

**Предмет исследования.** Предметом исследования являются совокупность отношений по поводу интеграции хозяйствующих субъектов и населения, которые участвуют в процессе обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан.

